Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

30 сентябри соли 2015, чоршанбе, №40 (1019)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ИҶЛОСИЯИ 70-уми МАҶМАИ УМУМИИ СММ

**Шоми 26 сентябри соли равон Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Саммити бахшида ба ҷашни 70-солагии Созмони Милали Муттаҳид, мубоҳисоти умумии Иҷлосияи 70-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ва мулоқоти СММ дар сатҳи олӣ ҷиҳати тасдиқи Рӯзномаи рушд барои давраи баъди соли 2015 ба шаҳри Нью-Йорки ИМА омад.**



саҳ. 2

**СУБҲИ** 27 сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Нью-Йорки ИМА дар чорабинии сатҳи баланд дар ҳошияи саммити СММ оид ба мавзӯи "Ҳавасмандгардонии раванди татбиқи амалӣ ва дастёбӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи об", ки бо ибтикори Тоҷикистон ҷамъ омада буд, иштирок ва суханронӣ кард.

Дар ин ҳамоиши сатҳи баланд ҳамчунин Ян Элиассон - Муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, генерал Прают Чан-Оча - Сарвазири Шоҳигарии Таиланд, Адам Золтан Ковач - муовини Котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷӣ ва савдои Маҷористон оид ба ҳамкории байналмилалӣ, Хонум Ҳелен Кларк - Маъмури Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид иштирок ва суханронӣ намуданд.

Роҳбари маъмурияти Барномаи Рушди СММ Хонум Ҳелен Кларк, - чорабинии сатҳи баландро бо сухани муқаддимавӣ оғоз намуда аз ҷумла иброз дошт, ки, "Шумо Ҷаноби Президент Эмомалӣ Раҳмон яке аз пешсафон ва асосгузорони баррасии масоили об дар сатҳи байналмилалӣ буда ташаббусҳои Тоҷикистон барои пешрафти сиёсати оби Созмони Милали Муттаҳид дар барномаи Ҳадафҳои Рушди Устувор дар соҳаи об то соли 2030 калидӣ мебошад. Чорабинии имрӯза ва ширкати доираҳои барӯманди давлатӣ, соҳавӣ ва байналмилалӣ дар ин нишасти бонуфуз нишонаи равшани ин иқдом аст".

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳозиринро ба ифтихори чорабинии сатҳи баланд шодбош гуфта, барои ширкаташон дар мубоҳисаи судбахш оид ба мавзӯи басо муҳим - "Ҳавасмандгардонии раванди татбиқи амалӣ ва дастёбӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи об" - арзи сипос намуд. Ӯ инчунин барои ташкили ин нишаст ба роҳбари кумитаи Гурӯҳи "Дӯстони об" ва хоса ба намояндагиҳои доимии Финляндия, Таиланд, ҳамчунин ба Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид изҳори миннатдорӣ кард.

**Ҳаётӣ ҳизб**

## ТАҶРИБАИ БОНУВОН МУСБӢ АРЗЁБӢ ГАРДИД



саҳ. 5

## КОРХОНАҲОИ ХУРД МЕТАВОНАНД МУШКИЛОТИ ШУҒЛИ ҶАВОНОНРО ҲАЛ КУНАНД



саҳ. 5

## *НАМЕХОҲАМ, КИ БА СОЛИ 92 БАРГАРДЕМ*



саҳ. 9

Минбари халқ
30 сентябри соли 2015,
№40 (1019)

# ИҶЛОСИЯИ 70-уми МАҶМАИ



саҳ. 1

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз намуд, ки дар ҷараёни амалисозии Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мавриди дастёбӣ ба ҳадафҳои дар сатҳи глобалӣ мувофиқашудаи соҳаи об, аз ҷумла дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар арсаи обу беҳдошт, ба пешрафти назаррас ноил гардид. "Мо чунин мешуморем, ки ҳамаи ин дастовардҳо ба шарофати қабул кардан ва амалӣ сохтани тарзу услуби нав ва талошҳои ҳамоҳангшуда дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ имконпазир гардиданд".

Ҳадафи асосии Даҳсолаи байналмилалӣ "Об барои ҳаёт", ки 23 декабри соли 2003 тавассути қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ибтикори Тоҷикистон эълон гардидааст, аз мусоидат ба саъю талош барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи захираҳои об ва беҳдошт то соли 2015 иборат аст. Дар ин раванд рушди ҳамкорӣ дар ҳамаи сатҳҳо дар маркази таваҷҷуҳ буд.

Эмомалӣ Раҳмон даҳсолаи сипаригашта дар бахши об ва берун аз онро замони дигаргуниҳои бузург ва огоҳиву иштироки бештари глобалии ҷомеаи шаҳрвандиро дар ин раванд комёбии бузург номида, зикр кард, ки "Дар чаҳорчӯбаи Даҳсола стратегияи дарозмуҳлат ва нақшаи амалиёт дар сатҳи глобалӣ ба тасвиб расид ва муҳимтар аз ҳама, раванди сиёсӣ роҳандозӣ гардид. Даҳсола ҳамчунин ба беҳсозии амалҳои муштараки ҷонибҳои гуногуни манфиатдор дар миқёси сайёра мусоидат намуд. Он ба ҳамкорию ҳамдастии мақомоти ҳукуматӣ, ҷалб гардидани занон, ҷавонон, доираҳои соҳибкорию илмӣ ба баррасии масъалаҳои об низ такон дод. Ба ғайр аз ин, сохтору василаҳои марбутае таъсис ёфта буданд, ки фаъолияти онҳо дар ҷараёни Даҳсола ба такмилу таҳкими ҳамоҳангсозии байниидорӣ равона гардида буд".

Президенти мамлакат аз нақши Тоҷикистон, ҳамчун кишвари ташаббускори Даҳсолаи байналмилалии "Амалиёти об барои ҳаёт" ёдовар шуда, силсилаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Тоҷикистонро барои татбиқи босамари чорабиниҳои он дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ номбар кард.

"Бо саъю кӯшиши Ҳукумати кишвари мо, -гуфт Эмомалӣ Раҳмон - дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои дигари байналмилалӣ - дар шаҳри Душанбе чандин чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ доир гардиданд. Дар ин росто, Сардори давлат аз Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои сарҳадгузар (соли 2005, ш. Душанбе), Конфронси байналмилалӣ оид ба кам кардани офатҳои табиии марбут ба об (соли 2008, ш. Душанбе), Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба шарҳи хулосавии миёнамуҳлати фарогири ҷараёни иҷрои Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об ба-



рои ҳаёт, солҳои 2005-2015" (соли 2010, ш. Душанбе), Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар арсаи об (соли 2013, ш. Душанбе), Конфронси байналмилалии сатҳи баланд аз рӯи натиҷаҳои татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015" (соли 2014, ш. Душанбе) ёдовар шуд.

Илова бар ин, бо ибтикори Тоҷикистон ва тибқи қатъномаҳои марбутаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бахшида ба тафсири ҷараёни амалисозии Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" ва ба ифтихори Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар арсаи об эълон шудани соли 2013 ва бистумин солгарди эълони Рӯзи байналмилалии захираҳои об дар чаҳорчӯби иҷлосияҳои 64-ум (соли 2010), 67-ум (соли 2013) ва 69-уми (соли 2015) Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид муколамаҳои интерактивии сатҳи баланд доир гашта буданд.

Бо вуҷуди пешрафти муассир дар ҷодаи амалисозии Даҳсола, Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми баромади худ аз камбудиву мушкилоте, ки дар ҷараёни татбиқи амалии он ҷой доштанд ва дар паймудани ин роҳ монеаҳои муайян эҷод сохтанд, сухан ронда, аз ҷумла, иброз намуд, ки дар баробари комёбиҳои муҳим дар ҳалли масъалаҳои марбут ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола оид ба об, мақсаду матлабҳо дар самти беҳдошт ба иҷро нарасиданд. Ҳамзамон бо ин, ӯ аз натиҷаҳои мухталиф дар татбиқи амалии ин ҳадафҳо дар сатҳи минтақаҳо, кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба рушд, шаҳрҳо ва деҳот, кишварҳои доро ва камбизоати аҳолӣ изҳори нигаронӣ кард.

Ба иттилои Президенти Тоҷикистон имрӯз, чун пештара, дар ҷаҳон тақрибан 750 миллион одамон ба оби тозаи ошомиданӣ ва дуюним миллиард одамон ба шароити асосии беҳдошт дастрасӣ надоранд. Тақрибан як миллиарду сесад миллион нафар аз барқ маҳруманд. Ба ҳисоби миёна ҳар сол офатҳои табиии марбут ба об ба андозаи зиёда аз 60 миллиард доллари амрикоӣ хисорoти иқтисодӣ ворид сохта, хушксолӣ ва биёбоншавӣ манбаи воситаҳои зиндагии зиёда аз 1 миллиарду 200 миллион одамро дар тамоми ҷаҳон зери хавфу хатар қарор медиҳанд.

Маҳз ба ин хотир, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳоди худро, ки дар чаҳорчӯбаи Форуми ҳафтуми умумиҷаҳонии об садо дода буд, бори дигар ба миён гузошта, изҳори итминон намуд, ки эълон намудани даҳсолаи нави байналмилалии "Об баҳри рушди устувор" василаи муҳими дастёбӣ ба Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об хоҳад гашт.

Шубҳае нест, ки даҳсолаи нав пешрафти дар ҷараёни Даҳсолаи байналмилалии "Об барои ҳаёт" бадастомадаро таҳкиму тавсеа бахшида, барои муттаҳид намудани талошҳои мо оид ба ҳалли масъалаҳои об дар давраи баъд аз соли 2015 заминаи боэътимод хоҳад гузошт.

Вобаста ба ин, Эмомалӣ Раҳмон ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба эъломи Даҳсолаи байналмилалии нав асосноку саривақтӣ дониста ва аз давлатҳои аъзо даъват кард, ки ин ташаббусро пуштибонӣ намоянд.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар фароварди суханронӣ гуфт: "Фикр мекунам, ки фароҳам сохтани ҳаёти шоистаи наслҳоиояндаи мо танҳо аз тариқи андешидани тадбирҳои муштарак имконпазир аст. Аз ин рӯ, ҷонибдории ҳамаҷонибаи ибтикороти мавҷуда барои мусоидат ба иҷрои уҳдадориҳо оид ба об дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ, ҳамчунин ҳамоҳангсозии марбутаи фаъолияти мо дар ин масир аҳамияти аввалиндараҷа дорад".

Муовини аввали Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Ян Элиассон зимни суханронии худ ба Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муроҷиат карда, аз ҷумла чунин гуфт: "Ба Шумо Ҷаноби Олӣ, бо хушнудӣ барои ташкили чунин як чорабинии сатҳи баланд бо иштироки сарони кишварҳои аъзо арзи сипос менамоям, зеро масоили об аз ҷумлаи масъалаҳои асосии ҷаҳон аст. Об ин асоси ҳаёти инсон аст ва ман ба Шумо барои иқдоми нав доир ба эълони Даҳсолаи нави байналмилалии "Об барои рушди устувор" бори дигар ташаккур мегӯям".

Худи ҳамон рӯз дар шаҳри Ню-Йорки ИМА Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин дар мулоқоти Созмони Милали Муттаҳид дар сатҳи олӣ ҷиҳати тасдиқи Рӯзномаи рушд барои давраи баъди соли 2015 иштирок ва суханронӣ намуд.

Соли ҷорӣ соли анҷоми татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола аст. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ қайд намуд, ки "Дастовардҳо ва дарсҳои аз татбиқи ҳадафҳои мазкур гирифтаи мо асоси таҳияи Рӯзномаи нави рушдро барои давраи баъди соли 2015 ташкил доданд. Дар ин кор Гурӯҳи кории байниҳукуматии ҳайати кушодадоштаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид нақши муҳим бозид ва ба он муяссар гардид, ки дар зарфи ду соли охир Ҳадафҳои Рушди Устувори барои давраи то соли 2030 пешбинишударо, муайян созад ва ҳамоҳанг намояд".

Эмомалӣ Раҳмон аз он изҳори нигаронӣ кард, ки татбиқи Рӯзномаи нави Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар шароити афзоиши пайдо кардани натиҷаҳои манфии таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ, аз қабили терроризми байналмилалӣ ва ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккил, низоъҳои мусаллаҳона, бӯҳронҳои молиявию иқтисодӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ, таназзули захираҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим, офатҳои табиӣ ва техногенӣ, паҳншавии бемориҳои сирояткунанда оғоз гардида, онҳо ба амнияту суботи ҷаҳон хатар эҷод намуда, монеаи расидан ба рушди устувор мегарданд.

Аз ин рӯ, Президенти Тоҷикистон таъкид намуд, ки саъю талошҳои иловагии ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ба ташаккули фазои мусоид ба хотири татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор дар миқёси дунё равона карда шаванд.

Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон санади нав ҳуҷҷати нодирест, зеро ба он ҳадафу вазифаҳои мушаххас дар бахши рушди иқтисодиёт, инкишофи иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист - ин се пояи рушди устувор ба таври муназзам ва мукаммал шомил шудаанд.

Президенти кишвар изҳори итминон кард, ки маҷмӯаи вазифаву мақсадҳое, ки дар чаҳорчӯби Ҳадафҳои Рушди Устувор муайян шудаанд ва ба ҳаллу фасли чунин мушкилот, аз қабили решакан кардани камбизоатӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини тандурустӣ ва маорифи босифат, истифодаи оқилонаи захираҳои об, беҳтар намудани дастрасӣ ба манбаъҳои арзон ва боэътимоди энергия, бунёди инфрасохтори рушдёфта, андешидани чораҳои таъҷилӣ ба муқобили тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои он, коҳиш додани сатҳи нобаробарӣ байни кишварҳо, таъмини баробарии гендерӣ дар миқёси ҷаҳон равона шудаанд, идомаи мантиқии Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола маҳсуб мёбанд.

# УМУМИИ СММ




Ба иттилои Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва ҳамоҳангсозии Барномаи рушди ҷаҳонӣ барои давраи баъди соли 2015 фаъолона ширкат варзид ва аз тариқи гузаронидани машваратҳои миллӣ бо мақсади ҳарчи васеътар инъикос намудани кӯшишу талоши доираҳои васеи аҳолии мамлакат дар самти оянде, ки онҳо меҳоҳанд, дар ин гуфтугӯи умумиҷаҳонӣ саҳм гирифт.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки "Ҳадафи асосии барномаву стратегияи таҳияшаванда баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар аз тариқи таъмин намудани рушди устувори иҷтимоиву иқтисодист. Бо мақсади ҳаллу фасли муваффақонаи маҷмӯаи масоили иҷтимоиву иқтисодӣ ва экологӣ дар чаҳорчӯбаи Стратегияи миллии рушди кишвар то соли 2030 мо чунин ҳадафҳои стратегиро мисли таъмини амнияти энергетикӣ, раҳоӣ бахшидани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ муайян намудем, ки бе татбиқи онҳо ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор душвор аст".

"Дар навбати худ, -таъкид намуд Эмомалӣ Раҳмон - барои иҷрои ин ҳадафҳо татбиқи барномаҳои марбута дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ зарур аст. Дар ин раванд барои мо афзоиши самараи истифодаи сарватҳои миллӣ ва сармояи инсонӣ, диверсификатсия ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, тақвияти рушди сохтори кишвар, таҳкими табақаи миёнаҳол ва инчунин, рушди мутавозини ҳамаи минтақаҳои мамлакат самтҳои афзалиятнок маҳсуб мешаванд".

Дар суханронии худ Президенти кишвар пешниҳод намуд, ки барои бомуваффақият иҷро намудани ин вазифаҳо сафарбар намудани воситаҳои молиявии зарурӣ лозим аст, ки дар шароити таҳаввулоти зудтағйири муносибатҳои байналмилалӣ ва сар задани бӯҳронҳои нав ба нав дар манотиқи мухталифи дунё кори мушкилест. Аз ин рӯ, сариваҷтӣ будани афзоиши ҳаҷми кумаки расмӣ барои рушд, ки омили муҳими бо пул таъмин намудани инкишоф аст, эҳсос мешавад. Ин вазъ фаъолтар гардонидани тиҷорати ҷаҳонӣ ва сармоягузориро, ки муҳаррикони асосии рушди истеҳсолот мебошанд, инчунин ҳавасмандсозӣ ва мусоидат намудан ба интиқоли технологияҳои нави аз лиҳози экологӣ қобили қабулро тақозо дорад.

Эмомалӣ Раҳмон изҳори умедворӣ намуд, ки мо бояд азми дастаҷамъонаи худро нигоҳ дорем ва ба кишварҳое, ки бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ ҳастанд, дасти ёрӣ дароз намоем. Зимнан, дар ёд бояд дошт, ки баъзе кишварҳои рӯ ба инкишоф татбиқи барномаи амалро барои рушди устувор дар вазъи хеле номусоид оғоз менамоянд. Бинобар ин Президенти Тоҷикистон дастгирӣ намудани кишварҳои дар вазъияти махсус қарордошта, аз ҷумла мамлакатҳои рӯ ба инкишофи дар минтақаҳои баландкӯҳ ва душворгузар воқеъгашта, инчунин кишварҳое, ки ба баҳр роҳи баромад надоранд, амри зарурӣ донист.

Дар фарҷоми суханронии худ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки Тоҷикистон минбаъд низ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, муассисаву барномаҳои СММ, кишварҳои шарик ва созмонҳои манфиатдор ба хотири татбиқи муваффақонаи Ҳадафҳои Рушди Устувор фаъолона ҳамкорӣ хоҳад кард.

***

**Нимаи дуюми рӯзи 27 сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки ИМА ҳамчунин дар муколамаи интерактивии Саммити 2015 оид ба мавзӯи "Ба хотири ҳифзи сайёраи мо ва дар чодаи мубориза бо тағйирёбии иқлим", ки дар Созмони Милали Муттаҳид ороста шуд, иштирок ва аввалин шуда суханронӣ намуд.**

Қабл аз ҳама, Сардори Давлати Тоҷикистон ба созмондиҳандагони муколамаи интерактивии имрӯза, ки ба мавзӯи мавриди таваҷҷуҳи тамоми башарият - таъсири тағйирёбии иқлим ба сайёраи мо - бахшида шудааст, изҳори миннатдорӣ намуд.

Ба иттилои Эмомалӣ Раҳмон тайи даҳсолаи охир пайомадҳои манфии тағйироти иқлим, ки ба андозаи муайян ба фаъолияти инсон иртибот дорад, ҳарчи бештар аз худ дарак медиҳад. "Пажӯҳиши чандинсолаи мутахассисони мо, -иброз дошт Президенти Тоҷикистон аз тақвияти таъсири тағйироти иқлим ба табиат ва вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар ва минтақа гувоҳӣ медиҳад".

Қайд гардид, ки тибқи мушоҳидаҳо, тайи 60 соли охир ба ҳисоби миёна ҳарорати солонаи ҳаво дар Тоҷикистон ба андозаи 1 дараҷа аз рӯи ҷадвали Селсия баланд шудааст; теъдоди рӯзҳои сербориш зиёд гардидааст ва ҳодисаҳои ғайриодии гидрометеорологӣ бештару шадидтар рух медиҳанд. Фақат ба иллати офатҳои табиии имсола ба иқтисоди кишвари мо ба андозаи садҳо миллион доллари амрикоӣ хисороти моддӣ расид. Мутаассифона, онҳо ба талафоти ҷонӣ низ боис шуданд.



Ба андешаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон "Таъсири манфии тағйироти иқлим ба ҳаҷм ва сифати захираҳои оби тозаи нӯшокӣ рӯз ба рӯз возеҳтар мегардад. Тайи даҳсолаи охир дар Тоҷикистон ба тарзи назаррас кам шудани масоҳати пиряххое, ки барои тамоми Осиёи Марказӣ аҳамияти ҳаётӣ доранд, ба қайд гирифта шудааст. Аз рӯи маълумоти мавҷуда, ба иллати тағйироти иқлим дар ҳудуди кишвари мо то як ҳазор пирях нобуд шудааст".

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин аз тағйири даври гидрологӣ, ки он ба амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ таъсири манфӣ расонида, эҳтимоли обхезиҳо ва хушксолиҳои шадидро афзун мегардонад, эҳсоси нигаронии кишварҳои минтақаро иброз намуда, афзуд, ки "Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи минтақаҳое мебошад, ки дар паҳнои он тағйироти иқлим аллакай ба пайомадҳои муайяни манфӣ сабаб шудааст".

Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ ба масъалаи андешидани тадбирҳои мутобиқсозӣ, ки унсури муҳимми рушди устувор мебошанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аз ҷумла қайд кард, ки "Ҳукумати кишвар Нақшаи миллии амалиётро оид ба сабук намудани пайомадҳои тағйири иқлим тасдиқ намуд. Тибқи Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи тағйири иқлим се гузориши миллӣ омода карда шуд. Масъалаҳои тағйири иқлим ва амалисозии чораҳои мутобиқсозӣ ба ҷузъи муҳими Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030 табдил ёфтаанд. Илова бар ин, Ҳукумати кишвари мо Барномаи давлатиро оид ба таҳқиқ ва ҳифзи пиряххо барои солҳои 2010-2030 тасдиқ намуд. Имсол якҷо бо шарикони мо дар чаҳорчӯбаи экспедитсияи сеюми байналмилалии геофизикии баландкӯҳи Помир мо ба коре оғоз бахшидем, ки он на фақат барои кишвари мо, балки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти илмиву амалӣ дорад. Тибқи арзёбии пешакии олимон, тадқиқи намунаҳои ҷинси пиряххои бузурги Тоҷикистон, махсусан пиряхи Федченко, барои арзёбии ҳолати глобалии пиряххо ва тағйири иқлим аҳамияти хоса хоҳад дошт".

Президенти Тоҷикистон иброз намуд, ки тадбирҳои самаранок оид ба сабуксозии пайомадҳои тағйири иқлим муттаҳид намудани талошҳои моро дар сатҳҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ тақозо доранд. Бинобар ин бо истифода аз ин минбари баланд Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод кард, ки дар Осиёи Марказӣ зарурати таҳияву татбиқи стратегияи минтақавии маҷмӯӣ оид ба мутобиқсозӣ ба тағйири иқлим кайҳо ба миён омадааст. "Стратегияи зикршуда, -гуфт ӯ бояд тадбирҳои мутобиқсозиеро фаро гирад, ки дар дурнамои миёна ва дарозмуҳлат ба таъмини амнияти минтақа дар арсаи об мусоидат намоянд ".

Дар фарҷоми суханронии худ Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи омодагӣ ба Конфронси қарибулвуқӯи 21-уми ҷонибҳои иштирокдори Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи тағйири иқлим санадеро бо номи "Саҳми пешбинишаванда ва муайяншавандаи миллӣ" омода кард, ки он арзёбии ҳолати кунунӣ ва роҳҳои рушди минбаъдаро дар бар мегирад.

Президенти Тоҷикистон аҳамияти калидӣ пайдо кардани маблағгузории тадбирҳо оид ба кам кардани партовҳо ва мутобиқсозӣ, алалхусус барои кишварҳои рӯ ба рушдро махсусан қайд намуда бо таваҷҷуҳ ба ин ҳолатҳо, изҳори умед кард, ки василаҳои нави молиявӣ - Хазинаи иқлимии сармоягузорӣ ва Хазинаи сабзи иқлимӣ - дар ҷодаи амалӣ сохтани чораҳои нақшавӣ ба мо кумаки сариваҷтию зарурӣ хоҳанд расонид.

***

**Рӯзи 28 сентябри соли 2015 дар шаҳри Ню-Йорки ИМА дар қароргоҳи СММ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми сатҳи баланди кишварҳои рӯ ба инкишофи маҳсур дар хушкӣ иштирок ва суханронӣ намуд.**

Дар оғоз Эмомалӣ Раҳмон ба Роҳбари гурӯҳ, ҳайати Замбия сиёсати худро барои талошҳои хастагинопазир ва роҳбарӣ дар пешбурди манфиатҳои кишварҳои рӯ ба инкишофи маҳсур дар хушкӣ изҳор намуда, бо қабули рӯзномаи нави Рушди Устувор рост омади мулоқоти имрӯзаро фавқулодда муҳим арзёбӣ кард.

Сарвари Давлати Тоҷикистон аз мавҷуд набудани имконоти дастраси ҳудудӣ ба баҳр барои кишварҳои рӯ ба инкишофи маҳсур дар хушкӣ ҷиҳати рушди устувор, ки душвориҳои доимӣ эҷод менамояд ва он дар роҳи ҳамгироии минбаъдаи кишварҳо бо иқтисоди ҷаҳонӣ монеаи асосӣ мегардад, изҳори нигаронӣ карда, ҷонибдории Тоҷикистонро аз қарору тавсияҳои Барномаи амали Алмаато ва Барномаи амали Вена барои кишварҳои рӯ ба инкишофи маҳсур дар хушкӣ дар солҳои 2014-2024 баён намуд. Президент дар суханронии худ изҳори умедворӣ кард, ки "мавқеи умумӣ доир ба нақшаи амали даҳсола бо шаш минтақаи афзалиятноки он, ки аз тарафи Маҷмаи Умумии Созмони Милал қабул гаштааст, ҷиҳати тағйири сохтории иқтисодиёт ва инфрасохтори мо, инчунин барои пешбурди ҳамкорию ҳамгироии минтақавӣ саҳм хоҳад гузошт".

саҳ. 4

*саҳ. 3*

Сипас Президенти кишвар аз таваҷҷуҳи Тоҷикистон ба пешбурди тиҷорати минтақавӣ ва пешравиҳои назарраси мамлакати мо дар роҳи инкишофи шабакаи нақлиётиву муносибати махсус ба иқтидорҳои транзитӣ ва коммуникатсионӣ ҳарф зада, чунин гуфт: "Ба мақсади соддагардонии қоидаҳои гумрукӣ ва муқаррароти он фаъолияти низоми "Равзанаи ягона" ба роҳ монда шуд ва Шартномаи Апостил тасдиқ гардид. Мо инчунин ҷиҳати ҷалби сармоягузорон ва иҷрои барномаи миллии пешбурди тиҷорат ва ҳамлу нақл чор минтақаи озоди иқтисодии фаъолро таъсис додем".

Гузашта аз ин, Тоҷикистон як қатор чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла: мулоқоти даҳуми Комиссияи Байниҳукуматии Долони Нақлиётии Байналмилалии Аврупо-Кавказ-Осиё (ТРАСЕКА); Конфронси Байналмилалии сатҳи олӣ оид ба рушди иқтидори транзитии Осиёи Марказӣ барои давраи то соли 2023; Форуми якуми сармоягузорӣ доир ба татбиқи Нақшаи Амали Созмони Ҳамкории Исломӣ (ОИС) оид ба ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказиро мизбонӣ кард.

"Чорабиниҳои мазкур, -қайд намуд Президенти Тоҷикистон, - ба бунёди муҳити мусоид барои транзит, беҳтар намудани амнияти нақлиёт, ҳифзи муҳити зист, татбиқи сиёсати тарифии тағйирёбанда ва пешбурди тиҷорат нигаронида шуда буданд".

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин аз мушкилоти гуногунҷанбаи кишварҳои рӯ ба инкишофи маҳсур дар хушкӣ, ки ба рушди дарозмуддати онҳо халал ворид менамоянд, ҳарф зада аз камбизоатӣ ва нобаробарӣ, иқтидорҳои ғайримутаносиби саноатӣ, инфрасохтори заиф, ҳиссаи зиёди ашёи хом дар содирот, таъмини нокифояи аҳолӣ бо қувваи барқ ва бо кор пурра таъмин набудани ҷавонон ҳамчун мушкилоти калидии кишварҳои рӯ ба инкишофи маҳсур дар хушкӣ изҳори нигаронӣ кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба оқибатҳои тағйироти иқлим ва офатҳои табиӣ, аз ҷумла биёбоншавӣ ва таназзули замин, инчунин обшавии пиряххо, ки рушди устувори ин кишварҳоро заиф мегардонанд, андешаронӣ карда аз ҷумла гуфт: "Барои мисол, ҳар сол дар Тоҷикистон офатҳои табиии вобаста ба об сабаби хисороти азими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегарданд".

Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуд, ки ин ва дигар мушкилоти кунунии мо кишварро маҷбур сохтааст, ки тавассути василаҳои алтернативӣ нерӯву тавони худро ба самтҳои стратегӣ - таъмини амнияти энергетикиву озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ - равона созад.

Аз ҷумлаи чунин тадбирҳо Эмомалӣ Раҳмон "сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд ва миёна, бунёди нерӯгоҳҳои калон дар асоси лоиҳаҳои дорои хусусияти минтақавӣ ва имконоти истифодаи энергияи офтобу бодро номбар намуда таъкид кард, ки ҳамаи ин лоиҳаҳо, бо дарназардошти ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушди устувори энергияи муосир, ба таври шаффоф амалӣ мегарданд. Бунёди нерӯгоҳҳо ва хатҳои интиқоли барқ ҷиҳати таъмини рушди устувор ва боло бурдани сатҳи зиндагии на фақат мардуми Тоҷикистон, балки тамоми минтақа мусоидат менамояд".

Президенти Тоҷикистон ҳамчунин мақоми махсуси сохтмони пули энергетикӣ байни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ (КАСА-1000), ки ба афзоиши содироти нерӯи барқ аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба бозорҳои ниёзманди энергетикии Афғонистон ва Покистон мусоидат менамояд қайд намуда, изҳори умед, кард, ки "татбиқи ин лоиҳа чун муҳаррики рушди тиҷорат хизмат карда, тавлиди маҳсулоти саноатӣ ва таъмини амнияти энергетикиро дар ҳар ду минтақа иҷро хоҳад кард".

Дар фарҷоми суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки "бо дарназардошти мушкилоти зикршуда кишварҳои рӯ ба инкишофи маҳсур дар хушкӣ барои муваффақона амалӣ намудани барномаи нави рушди устувор ҳанӯз ҳам ба пуштибонии қавии байналмилалӣ ниёз доранд" ва изҳори умед кард, ки Созмони Милал метавонад ва бояд нақши пешбаранда ва ҳамоҳангсози хешро дар амри расонидани кӯмакҳои техникиву молиявӣ ба кишварҳои рӯ ба инкишофи маҳсур дар хушкӣ идома диҳад.

# МУЛОҚОТҲОИ СУДМАНД

## дар ҳошияи иҷлосияи 70-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид

**Дар доираи сафари худ ба ИМА ҷиҳати иштирок дар иҷлосияи 70-уми Маҷмаи Умумии СММ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Дабири кулли СММ ва роҳбарони як қатор давлатҳо мулоқоти судманд анҷом дод.**



### Шоми 27 сентябри соли 2015 Роҳбари давлат бо Сарвазири Шоҳигарии Нидерланд Марк Рутте мулоқот намуд.

Дар мулоқот оид ба масоили ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷонибаи мутақобилан судманди Тоҷикистону Нидерланд мубодилаи афкор сурат гирифт.

***"Тоҷикистон ба густариши муносибатҳо бо Шоҳигарии Нидерланд манфиатдор буда, таҳкими иртиботот бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо яке аз вазифаҳои умдаи сиёсати хориҷии мост"***, - гуфт дар оғози суҳбат Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Сарвазири Шоҳигарии Нидерланд низ ба густариши ҳамкории судбахш ва таҳкими муносибатҳои дӯстонаи ду кишвар изҳори ҳавасмандӣ кард.

Эмомалӣ Раҳмон аз омодагии вазорату идораҳои дахлдор барои истиқболи гурӯҳи ширкатҳои кишоварзии ҳолландӣ, ки бо мақсади шиносоии имкониятҳои кишвар рӯзҳои наздик ба Тоҷикистон меоянд, ёдовар шуда, изҳори умед кард, ки ***"ин сафари ширкатҳои кишоварзии Шумо ба рушди муносибатҳои мо такони тозае хоҳад дод."***

***

### Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон инчунин бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун мулоқот орост.

Дар мулоқот масоили ҳамкории гуногунпаҳлӯи Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид баррасӣ шуд.

***"Мо ба рушди ҳамкориҳо бо Созмони Милал манфиатдорем ва хоҳони онем, ки ҳамкориҳоямон дар бахшҳои стратегӣ хислати мушаххас касб намоянд"***, - қайд намуд дар оғоз Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Эмомалӣ Раҳмон ба Пан Ги Мун ва тамоми муассисаҳои Созмони Милал барои дастгирии ҳамешагӣ ва ҳамаҷонибаи ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба масоили об, пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об, ки дар қарорҳои марбутаи Маҷмаи Умумӣ инъикос ёфтаанд ва кӯмаку дастгириашон дар бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиии Тоҷикистон изҳори ташаккур намуда, бо қаноатмандӣ қайд намуд, ки ***"Ҳамкорӣ ва фаъолияти муштараки Ҳукумати Тоҷикистон ва агентиҳои Созмони Милал натиҷаҳои хуб дода, дар даҳсолаи охир ба коҳиши мунтазами сатҳи камбизоатӣ, ки ҳадафи рақами 1 аз Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола аст, сабаб шудааст. Инчунин Тоҷикистон ба таъмини пурраи таълими ҳамагонаи ибтидоӣ ноил гашта, дар кишвар марги модар ду баробар коҳиш ёфтааст ва бемории вараҷа (малярия) комилан аз байн бурда шудааст".***

Пан Ги Мун ба Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои ташриф ба Ню-Йорк ва иштироки бевосита дар Иҷлосияи 70- уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид арзи сипос карда, аз таассуроти амиқи худ аз сафараш ба Тоҷикистон ёдовар шуд.

Ҷонибҳо доир ба аҳамияти рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои минтақа, пеш аз ҳама Афғонистон, татбиқи лоиҳаҳои минтақавии стратегӣ дар бахшҳои коммуникатсия ва энергетика, аз ҷумла сохтмони роҳҳои нави оҳану мошингард ва хатҳои интиқоли нерӯи барқ, зуҳуроти терроризм ва экстремизм, амният ва ҳифзи суботи минтақавӣ, низоъҳои ҳарбӣ дар як силсила кишварҳо ва минтақаҳои олам, ифротгароӣ ва дигар таҳдиду хатарҳои муосир табодули назар намуданд.

***

### Рӯзи 28 сентябри соли 2015 дар қароргоҳи СММ дар шаҳри Ню-Йорки ИМА Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси иҷроияи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон доктор Абдуллоҳ Абдуллоҳ мулоқот кард.

***"Умедворам, ки саъйю талоши муштараки мо ва тамоми ҷомеаи байналмилалӣ ба таъмини субот, сулҳ ва пешрафти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мусоидат хоҳад кард"***, -иброз дошт дар оғози суҳбат Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо сатҳи кунунии муносибатҳои ду кишварро баланд арзёбӣ намуда, масоили ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Афғонистон, аз ҷумла дар соҳаҳои сиёсат, амният, иқтисодиёту иҷтимоиёт, энергетика, ҳамлу нақл, маорифро баррасӣ карданд.

***

### Худи ҳамон рӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо Муовини Дабири Кулл маъмури Барномаи Рушди СММ Ҳелен Кларк мулоқоти судманд анҷом дод.

Дар мулоқот масоили вобаста ба ҳамкории пурсамари Тоҷикистон бо ин ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид ва татбиқи барномаю лоиҳаҳои сершумори ҳамкорӣ бо Тоҷикистон баррасӣ шуданд.

***"Мо аз сатҳи ҳамкориҳо бо Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ба хотири дастёбӣ ба афзалиятҳои асосии стратегии Ҳукумати Тоҷикистон дар арсаи рушд қаноатмандем"***, -изҳор дошт дар оғози суҳбат Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо аз қабул гардидани ду санади басо муҳим Барномаи қолабии СММ оид ба кӯмакрасонӣ ба хотири рушд барои солҳои 2016-2020 (ЮНДАФ) ва Барномаи кишварӣ барои солҳои 2016-2020, ки бо афзалиятҳои ҷорӣ ва стратегии Тоҷикистон ва ҳадафҳои Ҳукумати кишвар дар арсаи рушди устувор дар давраи 15 соли минбаъда мувофиқу созгоранд, изҳори қаноатмандӣ карданд.

Мусоҳибон Нақши Барномаи рушд дар ҳаллу фасли масъалаҳои наздисарҳадӣ ва минтақавие, ки ба ҳамкории иқтисодӣ ва таъмини амният иртибот доранд, хеле арзишманд арзёбӣ намуда, ба ҳайси намунаи рушди ҳамкории наздисарҳадӣ лоиҳаи **"Ибтикори Тоҷикистону Афғонистон оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ"** барои солҳои 2010-2012 ва лоиҳаи сесола таҳти унвони ***"Беҳдошти некӯаҳволии аҳолӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон"***-ро қобили зикри хоса маънидод карданд.

***

### Шоми 28 сентябр дар қароргоҳи СММ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Шоҳигарии Таиланд генерал Праут Чан Оча мулоқот намуд.

Сарони давлатҳо масоили вобаста ба рушди муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судманди ду кишварро дар самтҳои сиёсат, иқтисод ва савдо, сармоягузорӣ ва гуманитарӣ баррасӣ намуда, ба мавзӯъҳои ҳамгироии сиёсӣ дар минтақаи Осиё ва арсаи ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуданд.

Ҷонибҳо аз ҳолати кунунии муносибатҳои гарму самимӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Таиланд изҳори қаноатмандӣ намуда, зарурати татбиқи босамари санадҳои муҳими ҳамкорӣ, ки моҳи майи соли 2013 дар Таиланд зимни сафари расмии Президенти Тоҷикистон ва моҳи августи соли 2013 дар Душанбе ҳангоми сафари расмии Сарвазири Таиланд доир ба бахшҳои тиҷорат, иқтисод, илму техника, туризм ва ҷалби сармоя ба имзо расида буд, таъкид карданд.

*www.president.tj*

ЗАНОН ВА АҲЗОБИ СИЁСӢ

# ТАҶРИБАИ БОНУВОН МУСБӢ АРЗЁБӢ ГАРДИД

**Дар пойтахти Полша шаҳри Варшава маҷлиси давлатҳои узви Созмони Амнияту Ҳамкории Аврупо доир ба андозагирии инсон чараён дорад. Ин ҷаласа 21 сентябр оғоз гардида, 2 октябри соли равон ба анҷом мерасад. Дар кори ҷаласа муовини Раиси ҲХДТ Раъно Бобоҷониён низ ҳузур дошт. Пас аз бозгашт хабарнигорамон бо чанд суол ба ӯ муроҷиат кард.**

**-Муаллимаи азиз, то ҷое огаҳӣ дорем, дар ин сафар ҳамроҳи Шумо намояндагони дигар аҳзоби сиёсии кишвар низ даъват шуда буданд.**

-Бале, дар кори ҷаласа Мавлуда Раҷабова аз Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Заррагул Мирасанова, намояндаи Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Шарбону Зувайдова аз Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон ва Дилбар Самадова бо намояндагӣ аз Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон ширкат доштанд ва аз таҷрибаи ҳамкориҳои бонувони ҳизбӣ ба ҳозирин маълумот доданд. Ширкати занон- намояндагони аҳзоби сиёсии ҷумҳурӣ дар чунин як ҳамоиши бузург худ нишонаи он аст, ки пояҳои демократия дар Тоҷикистон устувортар мешавад.

**-Ҷаласа пурра масъалаҳои занонро фаро мегирифт?**

-На, яке аз бахшҳои он ба масъалаи иштироки занон дар сиёсат бахшида шуда буд. Бояд ёдовар шуд, ки имсол аз қабули Платформаи Пекин доир ба масъалаи занон 20 сол пур мешавад ва САҲА дар Варшава доир ба дастовардҳои занони дунё тайи ин муддат маълумот дод. Инак, 5 сол мешавад, ки занон аз аҳзоби сиёсии кишвар бо ҳамдигар ҳамкорӣ доранд, бо занони фаъол вохӯриҳо мегузаронанд. Мақсад аз ҳамоиши занон аз ҳизбҳои сиёсӣ фаъол гаштани занон дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар мебошад. Аз он хушнудем, ки дар ҷаласа таҷрибаи бонувони ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон мусбат арзёбӣ гардид ва таъкид шуд, ки он мавриди омӯзиш қарор гирад.

**-Ба андешаи Шумо баргузории чунин ҷаласаҳо чӣ манфиат дорад?**

-Пеш аз ҳама бо таҷрибаи аҳзоби сиёсии ҷаҳон аз наздик шинос мешавем, ки бобати ҳамкориҳо метавонад заминаи хуб шавад. Аз дигар тараф, эҳсос мешавад, ки дар кишварҳои мутараққии ҷаҳон бо мақсади таъмини оромию субот ба нерӯи занон такя мекунанд..Ин таҷриба дар Тоҷикистон аллакай амалӣ шудааст. Мақоми зан дар ҷомеаи мо хеле баланд аст ва ширкати занон дар чорабиниҳои муҳими сиёсӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки роҳбарияти давлату ҳукумати мамлакат ба нерӯи занон бештар эътимод доранд.



*Мусоҳиб* **Алӣ ҶӮРА**

# БУНЁДИ КОРХОНАҲОИ ХУРД МЕТАВОНАНД МУШКИЛОТИ БЕКОРИИ ҶАВОНОНРО ҲАЛ КУНАНД?

- Омӯзиши усулҳои муосири соҳибкорӣ
- Роҳҳои ташкили корхонаҳои хусусӣ
- Огоҳ шудан аз қоидаҳои маркетингу менеҷмент
- Имкони гирифтани қарзҳои хурд барои соҳибкорӣ

***Таъмин набудани ҷавонон бо ҷои кор ба пайдо шудани проблемаҳои дигаре дар ҷумҳурӣ боис мешавад, ки барои амният ва осудагии аҳолии кишвар хавф дорад.***

**СОЛҲОИ** охир масъалаи бо ҷои кор таъмин намудани ҷавонони ниёзманд яке аз проблемаҳои муҳими Тоҷикистон ба шумор меравад. Азбаски ҳар сол баробари хатми мактабҳо шумораи ҷавонони бекор меафзояд ва сатҳи бекорӣ тадриҷан боло меравад, зарурати бо ҷои кор таъмин намудани онҳо пайдо мешавад.

Ба ин далел, ки ҷойҳои кории зиёд дар кишвар барои ҷавонон фароҳам нестанд, бисёре аз ҷавонон баъди хатми мактабҳо наметавонанд барои худ дар кишвар ҷои кори муносиб пайдо кунанд. Қисмате аз ин ҷавонони бекор ба муҳоҷират ба хориҷи кишвар мераванд ва як қисми онҳо, ки имкони ба муҳоҷират рафтанро надоранд, дар кишвар ба мушкилиҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Хусусан, он ҷавононе, ки аз табақаи ниёзманд ва барои ба муҳоҷират рафтан низ пули роҳкиро надоранд, ба душвориҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Имконоти онҳо барои таҳсил кардан ва ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан бисёр маҳдуд аст.

Ин гуна вазият ҷавононро ба қишри осебпазири ҷомеа табдил медиҳад. Зеро бо ҷои кор таъмин набудани ҷавонон ба пайдо шудани проблемаҳои дигаре дар ҷумҳурӣ боис мешавад, ки барои амният ва осудагии аҳолии кишвар хавф дорад. Бино ба маълумоти омории Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон бешуғл мондани ҷавонон сабаби афзудани сатҳи ҷинояткорӣ, дуздию ғоратгарӣ, пайвастани ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ, ба ҷангҳои террористии Сурияву Ироқ рафтани ҷавонон, афзудани шумораи нашъамандон аз ҳисоби ин қишри ҷомеа ва ба вуҷуд омадани даҳҳо проблемаҳои дигаре мешавад, ки ҷавононро аз масъулият дар назди ҷомеа ва оилаи худ дур намуда, боиси роҳгум задани онҳо мегардад. Масалан, омори расмии ин вазорат нишон медиҳад, ки то ин замон зиёда аз 520 нафар шаҳрвандон ба ҷангҳои мусалаҳҳона дар Сурияву Ироқ рафтаанд, ки аксари онҳо ҷавонони бекор мебошанд. Ин мушкилотро, ки хавфу хатар ба амният ва осудагии мардуми кишвар эҷод мекунад, бо ҳал намудани масъалаи бекорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон пешгирӣ кардан мумкин аст.

Вақте ки ҷавонон бо ҷои кор таъмин мешаванд, бори зиндагии оилавиро озодона кашида метавонанд ва машғули кор ҳастанд, зарурати даст ба ҷиноят задан ва ба Сурия рафтану террорист шудани онҳо ба таври табиӣ аз байн меравад.

Рушди соҳибкорӣ дар миёни ҷавонон аз масъалаҳои муҳимест, ки барои бо ҷои кор таъмин намудани онҳо мусоидат мекунад. Ин масъала айни замон таваҷҷуҳи ҳам ҳукумат ва ҳам аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб кардааст. Ба вижа Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имкониятҳоро барои рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон ва ба ин васила ҳал намудани мушкилоти бекорӣ ва бо ҷои кор таъмин намудани ҷавонон истифода мебарад. Зеро бо рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон мушкилоти бо ҷои кор таъмин намудани онҳо то андозае ҳалли хешро ёфта, бисёре аз мушкилоти дигар, ки дар заминаи бекор мондани ҷавонон ба вуҷуд меоянд, худ аз худ аз байн мераванд.



Ташкилоти ҷамъиятии "Насли нави Тоҷикистон" бо дарки ин масъала рушди соҳибкорӣ дар миёни ҷавононро аз ҳадафҳои асосии худ қарор дода, дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи "Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" Лоиҳаи "Рушди соҳибкорӣ ва омӯзиши роҳҳои сохтани корхонаҳои хурд барои ҷавонони бекори шаҳри Душанбе"-ро татбиқ намуд.

Ин лоиҳа имкон медиҳад, ки 80 нафар ҷавонон аз оилаҳои камбизоату ниёзманд аз шаҳри Душанбе бо ҷои кори доимӣ бо роҳи омӯзиши усулҳои муосири соҳибкорӣ, роҳҳои ташкили корхонаҳои хусусӣ, огоҳ шудан аз қоидаҳои маркетингу менеҷмент ва фароҳам шудани имкони гирифтани қарзҳои хурд барои соҳибкорӣ таъмин шаванд. Ин лоиҳа ба рушди соҳибкорӣ ва паст намудани сатҳи бекорӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

Ба ин хотир айни замон паст кардани сатҳи бекорӣ миёни ҷавонон, онҳоро ба соҳибкорӣ фаро гирифтан, ба онҳо омӯхтани роҳҳои таъсис додани корхонаҳои хусусӣ, омӯхтани усулҳои фаъолияти соҳибкории муосир, имкон додан барои дарёфти қарз барои соҳибкорӣ ва ҳамин тавр, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонони ниёзманд амри зарурӣ мебошад. Бахусус ҳоло дар курсҳои кӯтоҳмуддат ба омӯзиши соҳибкорӣ фаро гирифтани фарзандони оилаҳои камбизоат аҳамияти бештар дорад. Бо омӯзиш ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкории муосир онҳо бо ҷои кор таъмин мешаванд ва ин дар ниҳоят ба рушди соҳибкорӣ ва рушди иқтисоди ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

Дар замони иҷрои лоиҳаи мазкур барои омӯзонидани ҷавонон намояндагони Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Анҷуманҳои соҳибкории Тоҷикистон, устодони Донишкадаи давлатии соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон ва коршиносони соҳа бо мавзӯъҳои муҳим ҷалб шуданд.

Ба хотири он, ки иштирокдорон пурра мавзӯъҳоро аз худ кунанд ва дар амал истифода баранд, дар доираи лоиҳа чорабиниҳои шавқовар баргузор шуданд. Масалан, гузаронидани чорабинӣ дар мавзӯи "Нақши соҳибкорӣ ва сохтани корхонаҳои хурд дар ҳалли проблемаи бекории ҷавонон" имкон дод, ки онҳо зарурати омӯзиши фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои таъсис додани корхонаҳои хурдро барои ҳалли масъалаи бекорӣ дарк намуда, барои соҳибкор шудан талош кунанд.

Ба монанди ин семинару тренингҳое, ки баргузор гардиданд, ба мисли "Маркетинг ва менеҷмент барои соҳибкорони ҷавон", барои иштироккунандагон бисёр муфид буданд. Дар давраҳои омӯзишӣ ҷавонон муҳимтарин принсипҳои соҳибкории муосирро аз худ карданд. Ҷиҳати ҳалли мушкилоти пайдошаванда ҳангоми фаъолият дар бозор қоидаҳои асосии менеҷмент ва маркетинг ба иштирокдорони лоиҳа омӯзонида шуданд. Донистани маркентингу менеҷмент барои муфлис нашудан ҳангоми фаъолият дар бозор ва имкони пешбинӣ намудани тағйирёбии нархҳо барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ барои иштирокдорони лоиҳа бисёр муҳим буд.

Иштирокчиён ҳамчунин дар доираи лоиҳа усулҳои банақшагирии фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ, дуруст ҳисоб намудани даромаду хароҷот ва дуруст ба роҳ мондани ҳисобдории соҳибкорӣ ва сохтани бизнес-план ва фаъолият тибқи онро бо мисолҳои амалӣ омӯхта, барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ пурра омода шуданд.

Дар доираи лоиҳа гузаронидани вохӯриҳо бо намояндагони бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии хурд барои ҷавонон боз ҳам шавқовар буд. Дар мулоқот бо намояндагони бонкҳо ҷавонон роҳҳои дарёфти қарзи тиҷоратӣ ва истифодаи босамари он дар фаъолияти соҳибкориро аз худ карданд.

Ташкилоти ҷамъиятии "Насли нави Тоҷикистон" мақсад дорад, ки доранд, дар оянда низ барои рушди соҳибкорӣ миёни ҷавонон ва паст намудани сатҳи бекорӣ дар байни онҳо саъю талош намояд.

**Алӣ ҶӮРА**

## БОЗДОШТИ ШОҲЗОДАИ САУДӢ ДАР ЛОС-АНҶЕЛЕС

Ҳафтаи сипаришуда пулиси шаҳри Лос-Анҷелес дар фароғатгоҳи ба иҷорадодашуда шоҳзодаи Арабистони Саудӣ Маҷид Абдул Азиз -ал Саудро боздошт кардааст, ки барои ҷалби духтарон барои алоқаи ҷинсӣ гунаҳкор карда мешавад. Ҳамчуноне намояндагони васоити ахбори оммаи Иёлоти Муттаҳидаи Америка иттилоъ медиҳанд, намояндагони шоҳигарии Саудӣ дастнорасии дипломатиро молик набуда, мурофиаи ин қазия санаи 19 октябр гунаҳкор будан ё набудани шоҳзодаро баррасӣ хоҳад кард.

То рӯзи баргузории мурофиаи судӣ шоҳзода бо пардохти 300 ҳазор доллари кафилӣ дар озодӣ аст.

## ДАР ФИНЛЯНДИЯ ГУРЕЗАГОН ЗЕРИ БОРОНИ САНГ МОНДАНД



Гурӯҳи ошӯбгарони балвогар автобусе, ки дар дохили он он 49 нафар гурезагон ва кормандони ҷамъияти Салиби Сурх буданд, дар шаҳри Лахтии Финляндия сангборон карданд. Ошӯбгарон замоне фаҳмиданд, ки мувофиқи нақшаи ҳукуматдорон дар мавзеи Ханалла барои 450 нафар гурезагон лагери муваққатӣ сохта мешавад, ба кӯчаҳо баромаданд.

Ҳамчуноне агентии ТАСС хабар медиҳад, миёни ошӯбгарон нафаре аз ҳама фаъол буд, ки дар бар либоси аъзои Ку-Клус -Кланро дошт. Ба пулиси маҳал муяссар шуда, ки яке аз фаъолони бетартибиро боздошт намояд. Ҳарчанд бар асари ин бетартибӣ аз гурезагон касе зарар надидааст, мақомоти Финляндия ин қазияро сахт маҳкум мекунанд. Сарвазири мамлакат Юха Сипиля, вазири молия Александер Стубб ва вазири корҳои хориҷӣ Тимо Сойни изҳор намудаанд, ки ҳодисаи руҳдода мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода мешавад.

Ёдовар мешавем, ки баъди ба якборагӣ авҷ гирифтани сафари иҷбории фирориён аз Шарқи Наздик ҷониби кишварҳои аврупоӣ дар аксари кишварҳо гурезагон дучори азобу таъзиқ мешаванд. Масалан, 13 сентябр дар маркази пойтахти Булғория дар рӯ ба рӯи синагогаи яҳудиҳо ду нафар тавассути корд ба гурезае ҳуҷум карда, ӯро дар ҷои ҳодиса ба ҳалокат мерасонанд. Ду нафари дигар ярадор карда мешаванд. Ё аз рӯзе, ки мақомоти Венгрия сарҳадоти худро ба рӯи гурезагон баст, гурӯҳи муҳоҷирини тавассути Сербия ба Олмон равона дар сарҳад даст ба бенизомӣ заданд, ки пулис ин амали онҳоро бо гази ашкбору фишори баланди об пешвоз гирифта буд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли мушкилоти гурезагон чораҳои аввалинро андешида истодааст, вале ин мушкилот кай ба танзим даровarda мешавад, вақт нишон медиҳад.

## ПАРАДИ ҲАРБӢ - ҲУШДОР БА РАҚИБОН

Баъди баргузории паради ҳарбӣ дар пойтахти Ҷумҳурии Халқии Хитой, ки ба шарафи ғалаба бар артиши Япония баргузор шуд, намоиши техника ва технологияи ин кишвар мавриди баҳогузории мухталифи коршиносон қарор мегирад.

Аксари коршиносон бар он назаранд, ки мақсади асосӣ аз рӯйнамоии техникаи ҳарбии нави Хитой пеш аз ҳама гирифтани алови чашми рақибон аст.

Дар баробари ин бархе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки Хитой мисли ҳамешагӣ маҳсулоти худро аз рӯи ин ё он намуди маҳсулоти кишвари дигар нусхабардорӣ менамояд. Масалан, тайёраи қиркунандаи J-11 шабеҳи СУ-27 Русия, қиркунандаи J-15 аз тайёраи Су -33- ин кишвар нусхабардорӣ карда шудааст. Тайёраи бесаробони тамғаи CH-5- хитой шабеҳи MQ-9 Reaper- и америкоӣ мебошад.

Аксарияти муҳаррикҳои тайёраҳои хитой моли Федератсияи Русия мебошанд, даъво доранд коршиносон.

Ракетаҳои баллистикии дар парад ба намоишгузоштаи Хитой аксарият, бахусус кишвари Япония ва шарики стратегии он ИМА-ро ба таҳайюр овардааст. Ракетаҳои тамғаҳои DF-16 ва DF-21, ки иқтидори парвози то 2 ҳазор километрро доранд, барои системаи бехатарии зидди ракетии Японияву Америка хатари ҷиддӣ шуда метавонанд.

Намоиши ракетаи баллистикии байнисайёравии DF-31A касе аз коршиносонро бетараф гузошта натавонистааст, иттилоъ медиҳанд, коршиносон. Маълумали чунин ироқи мудҳиш дар мазеъҳои махсус нигоҳдорӣ ва мустақар карда мешаванд. Ин намуди ракетаи Хитой дар нақлиёти автомобилӣ насб карда шудааст, ки онро дар ҳама ҷо истифода кардан имконпазир аст.

Аз баҳогузории коршиносон чунин бармеояд, ки охирин паради ҳарбии Хитой бозгӯи он аст, ки ин кишвар дар муқобили иттифоқи Япония ва Америка ба хубӣ истодагарӣ карда метавонад.



# Овоза ва ҳақиқати фавти зоҳирин дар Мино

**Дар ҳоле, ки иҷрои фаризаҳои ҳаҷ ба поён расидааст худуди 2 миллион нафар ҳоҷӣ дар фикри бозгашт ба кишварҳояшон ҳастанд, фоҷеаи сарзада дар Мино садҳо хонаводаро аз наздикону пайвандон маҳрум кард. Тавре эълом шуд, ин ҳодиса рӯзи 24 сентябр замони иҷрои фаризаи охирини ҳаҷ - санг задани Иблис ба вуқӯъ омада, садҳо нафарро ба коми марг кашид.**

**Бино ба гузоришҳои расмии мақомоти Арабистони Саъудӣ, дар ин ҳодиса 769 нафар кушта ва 934 нафари дигар (омори рӯзи душанбе, 28 сентябр) ба шиддат захмӣ шудаанд. Аммо, бинобар гузориши хабаргузории Форс, мақомоти Эрон гуфтаанд, ки омори воқеӣ бештар аз он аст, ки Арабистон эълон мекунад.**

**Мутобиқ ба хабари мақомоти расмии Арабистон, фоҷеаи Мино дуввумин ҳодисаи маргбор дар маросими ҳаҷи имсол буд.**

**11 сентябр дар оғози ин мавсим низ дар пайи афтодани як кран, дар сохтмоне дар масҷиди Ал- ҳарам дар маркази шаҳри Ар-риёз 109 нафар зоирон кушта ва 238 нафари дигар захмӣ шуданд.**

**Аммо фоҷеаи дуввум дар панҷшанбеи гузашта, 24 сентябр дар охирин рӯзи ҳаҷ ба вуқӯъ омад, ки бузургтарни фоҷеа дар таърихи маросими ҳаҷ буд.**

**Бар асоси гузориши расонаҳои хабарӣ, шумори бештари қурбониёни ин фоҷеа аз Ҷумҳурии Исломии Эрон будаанд. Тибқи гузориши ниҳодҳои расмии ин кишвар то кунун ҳуввияти 155 нафар аз кушташудагони эронӣ маълум ва эълон шуда ва бахши аввали тобутҳои ин қурбониҳо рӯзи сешанбе (29 сентябр) ба Эрон боз гардонда шуданд.**

**Мақомоти Эрон мегӯянд, дар миёни 321 нафар зоирони гумшудаи эронӣ дар ин фоҷеа сафири ин кишвар дар Лубнон Ғазонфар Рукнободӣ ҳам ҳаст.**

**Оятуллоҳ Алӣ Хоманай-раҳбари рӯҳонии Эрон гуфтааст, ки Арабистони Саъудӣ бояд барои талотуми маргбор дар ҷараёни адои фаризаи ҳаҷ дар Мино аз кишварҳое, ки шаҳрвандонашон кушта шудаанд, бояд бахшиш бипурсад.**

**Дар ҳамин ҳол баъзе аз пойгоҳҳои хабарӣ эълон карданд, ки Ҳасани Рӯҳонӣ раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон барномаи сафари худ ба Ню-Йоркро ниматамом гузошта, ба кишвараш бозгаштааст.**

**Далели бозгашти президенти Эрон ин буда, ки дар маросими ҷанозаи қурбониёни ҳаҷ шахсан иштирок мекунад.**

**Баъди фоҷиаи водии Мино шоҳи Арабистони Саудӣ Салмон бинни Абдулазиз аз масъулини маросими ҳаҷ талаб намуд, ки қоидаҳои иҷрои маросими ҳаҷ бознигарӣ ва тамоми диққат ба бехатарии зоирин равона карда шавад. Мақомоти Арабистони Саудӣ сабаби фалокатро таҳқиқ намуда, ваъда додаанд, ки гунаҳкорон муҷозот карда мешавад. Дар Вазорати ҳаҷҷи кишвар ният дорад, ки нисбати ширкатҳое, ки барои ҷалби зоирин муаззаф ҳастанду қоидаи ҳатмии ҷоришударо риоя накарданд, тадбирҳои сахттаринро роҳандозӣ намояд, иттилоъ медиҳанд расонаҳо.**

**Дар бораи сабаби рух додани фалокат тахминҳо мухталифанд. Вазири тандурустии Арабистони Саудӣ Фарид -ал -Фалаҳ риоя накардани нишондоди маросими сангзанӣ ба шитонро сабаби рух додани фоҷиа маънидод менамояд, зикр мешавад дар хабари The Guardian.**

**Рӯзномаи лубнонии "Ад-Диёр" сабаби талотум ва вайрон шудани ҳаракати зоиринро дар ҳаракати қатори автомобилҳои муовини шоҳзода Муҳаммад бинни Салмон мебинад. Ба қавли хабаргузории ин рӯзнома ба водии Мино ворид шудани шоҳзода мутасаддиёни тартиботро водор сохт, ки ба ҳаракати зоирин тағйирот ворид кунанд. Вале оҷонсии NEWSru Israel дар такя ба даъвои зимомдорони Арабистони Саудӣ ин иддаоро рад менамояд.**

**Роҳбари рӯҳонии Ҷумҳурии Исломии Эрон Оятулло Хоманай мақомоти Арабистони Саудиро дар ноуҳдабароӣ нисбати баргузор намудани маросими ҳаҷ гунаҳкор намудааст. Мутобиқ ба фармони Президенти мамлакат Ҳасани Рӯҳонӣ Эрон барои ба ватан овардани ҷароҳатбардоштагони зоирини Эрон комиссияи махсус таҳия намудааст.**

**Зарур аст, ки то фурӯ рафтани офтоб сӯи Шайтони лаин санг андозӣ. Яқин аст, ки барои ҷониби Шайтон 7 санг задан таваққуф бояд кард. Нафарони аз оқиб ҳаракаткунанда таъзиқ меоваранд. Дар чунин ҳолат андаке беэҳтиётӣ боис мешавад, ки нафари бо шиддат сӯи шайтон сангзананда зери пои издиҳом монад. Бо назардошти ҳамин ба зоирини бемор, барҷомонда ва пирону занон тавсия дода мешавад, ки аз иҷрои чунин шарти ҳаҷ худдорӣ намоянд. Ин амалро ба ҷои онҳо нафари дигар ба ҷо оварда метавонад.**

**2 июли соли 1990 дар нақби Макка, ҳангоми ҳалокат ба сӯи водии Мино бар асари тела-телаи издиҳоми зоирин 1426 нафар ба ҳалокат расида буданд. Моҳи маи 1993 бар асари талотуми издиҳом зимни сангпартоӣ ба сӯи Шайтон 270 нафари дигар ҳалок шуданд. Шумори қурбониён дар соли 2004 бошад дар водии Мино ба 251 нафар буд.**

**Соли 2006 бар асари зери пой мондани зоирин 346 ҳоҷӣ ба ҳалокат расиданд.**

**Бино бар иттилои Кумита оид ба корҳои дин танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хушбахтона дар фоҷиаи водии Мино касе аз 6300 зоири тоҷик осеб надидааст.**

«МХ»

# Ҳам кор ва ҳам табобату фароғат

## Оид ба тадбирҳои фарҳангию фароғатии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

**Дастгоҳи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барномаҳои фарҳангию фароғатии худро муваффақона амалӣ намуда, дар зимни он ҳар сол доираи васеи кормандони ҳизбӣ, фаъолон ва алоқамандони ҳизбро фаро мегирад. Танҳо дар давоми соли равон дар ташкилотҳои ҳизбии шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Роғун, Турсунзода, ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав чорабиниҳои муҳими таблиғотию омӯзишӣ ва фарҳангию истироҳатӣ созмон дода, дар онҳо олимону донишмандон, сиёсатмадорону коршиносон ва санъаткорону ҳунармандонро ҷалб карданд. Махсусан чорабинии фарҳангӣ, ки дар назди бинокорони Нерӯгоҳи барқи обии Роғун бо ширкати адибону ҳунармандони санъат доир карда шуд, барои сохтмончиён хеле хотирмон буд.**



*САМТИ дигари фаъолияти Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ба фароғату истироҳат ҷалб намудани кормандони масъули ҳизбӣ ва фаъолони ташкилотҳои ҳизбӣ дар вилоятҳо ва шаҳру навоҳӣ мебошад. Дар доираи ҳамин Барнома аллакай гурӯҳи калони ҳизбиён дар истироҳатгоҳҳои Роҳи оҳани ҷумҳурӣ ва осоишгоҳи Ширкати алюмини Тоҷикистон табобат гирифта, саломатии худро барқарор намуданд.*

*Бо истифода аз фурсат ба ҷараёни фаъолияти масъулину духтурон ва ҳамшираҳои шафқати осоишгоҳи ширкати алюмини Тоҷикистон ошно шуда, бо чанде аз истироҳаткунандаҳо - аъзои фаъоли ҳизб суҳбат ороста, назари онҳоро дар бораи шароити табобат ва истироҳаташон пурсон шудем.*

- Таваҷҷуҳ ба осоишгоҳи мо хеле зиёд аст. Ҳар сол ба ҳисоби миёна зиёда аз се ҳазор нафар дар инҷо гирифта, саломатиашонро бар4арор мекунанд ва ҳамзамон истироҳату фароғат менамоянд, - гуфт дар оғози суҳбат **сардухтури осоишгоҳ Абдуҳаким Меликов.**- Таври маълум кор дар баъзе сеххҳои заводи арзизи Тоҷикистон сангин ва мушкил аст. Бинобар ин ҳамоно баъди ба истифода додани корхонаи алюмин ҳанӯз дар соли 1975 осоишгоҳи мазкурро низ дар ихтиёри коргарони он қарор доданд. Аз ҳамон давра то кунун ҳазорҳо нафар коргарони завод солона дар ин ҷо дам гирифта, табобат мегиранд.

Дар табобатгоҳи мо тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудааст. Намудҳои мухталифи табобат чун сӯзанзанӣ, дорунафаскашӣ, табобатҳои варзишӣ, барқӣ, лою азокириту парафин, бӯғдавоӣ, анвои гуногуни муолиҷа бо об, масҳи дастию механикӣ ва ғайра дар ихтиёри мизоҷон вогузор шудааст. Тамоми анвои хӯрокӣ дар ошхонаи осоишгоҳ парҳезӣ мебошад. Истироҳаткунандаҳо бо намудҳои мухталифи гиёҳдармонӣ таъминанд. Дар баробари ин дар давоми рӯз ба беморон мутобиқи таклифу мушкилоташон се маротиба нӯшобаҳои гиёҳӣ дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки қариб нисфи истироҳаткунандаҳо намояндаҳои касбу кори гуногун ва аз шаҳру навоҳии дигари ҷумҳуриамон мебошанд. Барои худи коргарони заводи арзиз роҳхат хеле арзон аст. Ҳар сол бояд коргарон ба таври ҳатмӣ дар осоишгоҳ дам гиранд ва саломатиашонро барқарор намоянд. Барои ин ҳамагӣ 200 сомонӣ мепардозанд. Маблағи боқимондаи онро Иттифоқҳои касабаи корхона мегузаронад. Ҳарчанд ки шароит ҳанӯз ба дараҷаи солҳои шӯравӣ баробар нест, вале талош карда истодаем, ки сатҳу сифати табобату нигоҳубини беморону истироҳаткунандаҳоро бо мурур беҳтар намоем.

**Раиси кумитаи иҷроияи ҳизб дар шаҳри Турсунзода Моҳистон Азизова** бо соири кормандони дастгоҳи ҳизби шаҳр пайваста дар ҷараёни истироҳату табобати фаъолони ҳизб қарор доштанд. Бояд тазаккур дод, ки истироҳаткунандагон асосан аз ҷумлаи раисони ташкилотҳои ибтидоии корхонаю муассисаҳо ва фаъолони созмонҳои ҳизбӣ аз саросари кишвар буданд. Онҳо шахсоне мебошанд, ки дар маъракаҳои муҳими сиёсӣ, интихоботҳои маҷлисҳои зинаҳои гуногун, дар чорабиниҳои дигари сиёсӣ ба шумули таблиғу ташвиқи барномаҳои ҲХДТ, нуктаҳои Паёми Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастовардҳои солҳои истиқлолияти давлатӣ ва ғайра саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

-Барои як ташкилоти сиёсӣ чун Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон фароҳам овардани ингуна шароит аз он шаҳодат медиҳад, ки раҳбарияти олии ҳизб дар баробари фаъолияти пурсамари сиёсӣ ба масъалаи саломатию фароғати аъзояш низ эътибор медиҳад, - гуфт зимни суҳбат Моҳистон Азизова.- Бубинед то ин вақт дастрас намудани роҳхатҳо ба осоишгоҳу фароғатгоҳҳо хеле мушкил буд. Кам ҳолатҳое сурат мегирифтанд, ки як нафар корманди масъули ҳизбӣ бо роҳхати арзон дар ягон истироҳатгоҳ худро табобат наимояду дам гирад. Воқеан ҳам инро мо ҳамчун ғамхории мақомот нисбати аъзо ва фаъолони ҳизб арҷгузорӣ мекунем. Дар баробари табобату фароғат дар инҷо барои аъзои ҳизб мо чорабиниҳои алоҳидаи фарҳангӣ ташкил мекунем. Кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки вақташон хушу гуворо гузарад.

-Вақте ки мо мизоҷонро қабул мекунем, пеш аз ҳама онҳоро на чун истироҳаткунанда балки мисли бемор пазирой мекунем ва дар назди худ мақсад мегузорем, ки ҳар як таклифу мушкили саломатиашонро бартараф намоем, - мегӯяд **муовини сардухтури осоишгоҳ Абдураҳмон Баҳронов.**-Бо ҳар кадоми онҳо суҳбатҳои инфиродӣ мегузаронем. Агар ягон беморӣ дошта бошанд, таърихи онро пурсон мешавем ва мувофиқи ҳамон бемориаш табобат таъйин мекунем. Дар шароити ҳозира чуноне мегӯянд "тани одамӣ бедард намешавад". Барои ҳамин ҳам ба ҳар як бурҳону далел, паҳлӯҳои равонӣ ва тафсилоти сухани мизоҷ гӯш медиҳем ва онро таҳлил намуда, сипас ба хулосае меоем. Баъзан мешавад, ки бемор аз шарму истиҳола асли касалиашро гуфта наметавонад. Бинобар ин духтур дар чунин мавридҳо бояд руҳшинос ҳам бошад. Танҳо дар ҳамон сурат мо ба пешрафту комёбӣ ноил мешавем.

Дар осоишгоҳ бо кӯшишу талошҳои сардухтур А. Меликов коллективи ҳирфаии хубе ташаккул ёфтааст. Муомилаи хушу ҳамида, муошират гарму самимӣ, меҳрубонию шафқат аз сифатҳои беҳтарини табибону ҳамшираҳо ва фаррошон махсуб меёбад. Ҳангоми суҳбату муошират бо табибоне чун **Ӯктам Турсунов (духтури терапевт)**, **ҳамшираҳои шафқат Дилафрӯз Ҳамроева, Гулчеҳра Набиева, Сабоҳат Рустамова, фаррошон Бибимайрам Ҷабборова, Фотима Ниёзова, Моҳистон Маҷидова ва дигарон** эҳсос намудан мумкин аст, ки ҳар кадоми онҳо нисбати кору вазифа бар супоришу масъулияти бар дӯш доштаашон муносибати содиқона дошта, ихтисосу кори худро дӯст медоранд.

Буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ, таҳримҳои Амрикову кишварҳои ғарбӣ болои Русия ба ҷумҳурии мо ҳам беасар намондааст. Баъзан паст рафтани нархи алюмин дар бозори ҷаҳонӣ аз ҷумла оқибатҳои он дар инҷо ҳам ба мушоҳида мерасад. Моҳонаи духтурону ҳамшираҳо ва фаррошон хеле кам шудааст. Таҷҳизоти табобатӣ ва ҷиҳози хонаҳо кӯҳна шудаанд. Бо вуҷуди ин аҳли осоишгоҳ бо шукргузорӣ аз оромии авзоъ, сулҳу субот ва зиндагонии серу пур корҳояшонро бо сифати баланд ва аз рӯи виҷдон баҳо меоранд.

Дар ин навбат раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизб ва фаъолони он, ки дар фароғатгоҳи корхонаи алюмини Тоҷикистон дам гирифтанду саломатиашонро барқарор намуданд, фаъолияти коллективи осоишгоҳро мақбул шумориданд. Ба гуфти онҳо сарфи назар аз мушкилоти иқтисодии ҷумҳурӣ, камбуди ашёи хому нерӯи барқ ва бо иқтидори комил фаъолият надоштани завод маъмурияти корхона ва роҳбарияти осоишгоҳ тавонистаанд, ки ҷараёни кори онро қатъ накунанду мизоҷонро бомаром пазирой намоянд. Зеро ки ин табобатгоҳ барои коллективи корхона ва кулли дигар ниёзмандон чун обу ҳаво зарур аст. Бовар ҳаст, ки дар оянда таваҷҷуҳ ба он боз ҳам афзоиш меёбад.

Мо ба мақомоти ҳизбамон, ба роҳбарияти корхонаи арзизи шаҳри Турсунзода, ба маъмурияти фароғатгоҳ ва ба комиҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Турсунзода арзи сипосу миннатдорӣ менамоем, ки нисбати аъзои ҳизб чунин ғамхорӣ мекунанд. Табиист, ки чунин муносибати неку хайрхоҳона дар ниҳоят барои баланд шудани самараи кори ҳизбии мо ва пирӯзиҳоямон дар маъракаҳои сиёсӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Усмон СОЛЕҲ,**
*сухангӯи ҲХДТ*

Минбари халқ
30 сентябри соли 2015,
№40 (1019)

# ҲНИТ ТАШКИЛОТИ ИФРОТГАРОЮ ТЕРРОРИСТӢ ЭЪЛОН ВА ФАЪОЛИЯТАШ МАНЪ КАРДА ШУД

**29.09.2015 аз ҷониби Суди Олӣ аризаи Прокурори генералиро дар бораи ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) - террористӣ эътироф намудани Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон, қатъ намудани фаъолияти ҳизб ва барҳам додани он, қатъ кардани нашри рӯзномаи "Наҷот", бастани вебсайти интернетии ҳизби номбурда ва манъ намудани воридот, паҳн намудани аудио ва видеосабтҳо, рӯзномаю адабиёт ва варақаҳои ҳизб мавриди баррасӣ қарор дода шуд.**

**МУАЙЯН** карда шуд, ки Ҳизби Наҳзати Исло-мии Тоҷикистон 4-уми декабри соли 1991 ташкил шудааст.

Солҳои 1992 - 1997 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон амал намуда, баъди бастани Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ фаъолияти ҳизб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шуда, 28 сентябри соли 1999 ва 15 октябри соли 2003 он ҳамчун ҳизби сиёсӣ, аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Гарчанде таъиноти асосии таъсисёбии ҲНИТ аз ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ҳимояи якпорчагӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистон, ҳимоят аз истиқрори сулҳ, таъмини ваҳдати миллӣ ва ҳамзистии бародаронаи халқҳои ҷумҳурӣ иборат бошад ҳам, вале солҳои охир аъзои он теъдоди зиёди ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистӣ (ифротгароӣ)-доштаро содир намуда, дар байни аҳолӣ, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои ахбори омма норозигию иғво ва кинаю адоват барангехта истодаанд, ки ин амалҳои онҳо боиси халалдоршавии ҳаёти осудаи шаҳрвандон ва амнияти ҷамъиятӣ гардида, ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамояд.

Танҳо дар 5 соли охир 45 нафар аъзои ҲНИТ ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, 17-тои онҳо бошанд барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти ифротгароӣ ва террористидошта, аз қабили ташкили иттиҳодияҳои ҷиноятӣ ва иштирок дар онҳо, даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барангехтани кинаю адовати динӣ, ки барои нооромии авзои сиёсӣ мусоидат менамоянд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд.

Чунончӣ, Раиси бахши ҲНИТ дар ноҳияи Рашт Давлатов Ҳусниддин дар ҳайати иттиҳоди террористии "Ҷамъияти Ансоруллоҳ" таҳти роҳбарии Давлатов Аловуддин бо тахаллуси "Алии Бедакӣ" ва Раҳимов Абдулло бо тахаллуси "Мулло Абдулло" соли 2010 дар водии Рашт дар куштори 25 нафар хизматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, ҳангоми ба иттиҳоди террористии мазкур дастрас намудани моддаҳои кимиёвӣ барои омода сохтани воситаҳои тарканда дастгир карда шуда, ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 11 солу 6 моҳ маҳкум гардидааст.

Роҳбари шӯъбаи вилоятии ҲНИТ дар ВМКБ Маҳмадризоев Сабзалӣ ва раиси бахши он дар шаҳри Хоруғ Карамхудоев Шерик бошанд, моҳи июли соли 2012 дар бетартибиҳои оммавӣ, ки дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои атрофи он сурат гирифт, иштирок намуда, ба намояндагони ҳокимият муқобилияти яроқнок нишон додаанд.

Аъзои фаъоли ҲНИТ дар шаҳри Исфара Шарипов Мукаррамхӯҷа, Шарипов Муссаямхӯҷа ва Турсунов Абдумубин моҳи январи соли 2008 фаъолони ташкилоти террористии "Ҳизби исломии Туркистон" Қаюмов Абдуфаттоҳ ва Бобоев Абдухолиқро, ки бо яроқҳои оташфишон мусаллаҳ ва барои содир намудани куштори афсари милитсия ва як қатор дигар ҷиноятҳои махсусан вазнин дар кофтукови мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор доштанд, якчанд шабонарӯз дар манзили истиқоматии худ пинҳон ва бо ҷойи хоб ва хӯрока таъмин карда, худ низ ба ин иттиҳоди ҷиноятӣ шомил шуданд.

Санаи 11-уми августи соли ҷорӣ бошад 5 аъзои ҲНИТ Саидов Д., Фозилов Д., Пиров Қ., Хоҷамуродов Т. ва Абдуллоев Ҷ. барои барангехтани кинаю адовати сиёсӣ ва динӣ, халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ ва тарсонидани аҳолӣ дар купруки деҳаи Чашма-1-и шаҳри Норак парчами ташкилоти террористию экстремистии "Давлати исломӣ"-ро овехтанд. Дар ин амалҳои ғайриқонунӣ Манонов Қурбон - роҳбари ҲНИТ дар бахши шаҳри Норак низ алоқаи бевосита доштааст.

Чунин парвандаи ҷиноятӣ оиди ҳолати афрохтани парчами "ДИИШ" дар ноҳияи Шаҳритус низ мавриди тафтишот қарор дорад.

Раиси ҲНИТ Муҳиддин Кабирӣ ва дигар аъзоёни Раёсати Олии ин ҳизб аз соли 2010 то инҷониб тавассути рӯзномаи "Наҷот" ва дигар воситаҳои ахбори омма мунтазам хабару мақолаҳои барангезандаи кинаю адоват ва низои миллию диниро нашр намуда, дар байни сокинони кишвар тарғибу ташвиқро дар руҳияи бадбинию мухолифи сиёсати пешгирифтаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динии давлат ва Ҳукумати конститутсионӣ ба роҳ монда истодаанд.

Бо мақсади бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудан ва нигоҳ доштани ҳокимият, ҳамчунин бо зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳиддин Кабирӣ ва дигар аъзои Раёсати Олии ҳизби номбурда бо собиқ муовини вазири мудофиа Назарзода Абдуҳалим Мирзо аз ҳисоби собиқ размандагони Иттиҳоди нерӯҳои мухолифин ва дигарон зиёда аз 20 гуруҳҳои ҷиноятӣ иборат аз 15-30 нафариро дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ созмон дода, барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ онҳоро тибқи нақшаи тарҳрезишуда, ки аз утоқҳои кории муовинони Раиси ҲНИТ Ҳисайнов Умаралӣ ва Ҳайитов Маҳмадалӣ ёфта гирифта шудаанд, вазифадор (муваззаф) кардаанд, ки ба объектҳои махсусан муҳими давлатӣ ҳуҷуми мусаллаҳона намуда, фаъолияти онҳоро зери итоати худ қарор диҳанд.

Тибқи нақша мебоист, ки як гуруҳи 40 нафараи мусаллаҳ аз ду тарафи бинои Қасри Миллат, як гуруҳи 25 нафара ба бинои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, як гуруҳи 30 нафара аз се тарафи бинои ВКД, як гуруҳи 25 нафара аз се тарафи бинои Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, як гуруҳи 40 нафара ба Фурудгоҳи шаҳри Душанбе ва дигар гуруҳҳои ҷиноятkорӣ ба биноҳои Вазорати мудофиа, Раёсати мубориза зидди ҷиноятҳои муташаккили ВКД, Кумитаи телевизион ва радио, Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон, ТВ "Баҳористон", Раёсат ва шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияҳои шаҳрҳои Душанбе ва Ваҳдат ҳуҷуми мусаллаҳонаро анҷом медоданд.

Ҳангоми кофтуков аз утоқҳои кории бинои марказии ҲНИТ зиёда аз 30 адад варақаҳои ҳизб, ки хусусияти даъвати оммавиро дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ доро мебошад, бо сарлавҳаи "Бародарони аҳли Наҳзат! Ва умуман ҳамаи он касоне, ки ҷонибдору ҳаводори Ҳизби Наҳзати Исломи Тоҷикистон хастед!!!", дарёфт карда шуд. Мувофиқи матни варақаи мазкур, Раёсати олии ҲНИТ дар даъвати хеш аз ҷумла баён доштанд: "Сабур бошеду мунтазир! Он рӯз дур нест, ки офтоби наҳзати мо пардаи абри тирагуни зулмотро медараду шӯълаҳои ҷонбахши худододаш бар тани мардуми Тоҷикистон нерӯи тоза мебахшад. Бародарони ҷонфидои мо ҳама тадбирҳоро меандешанд. Се-чаҳор рӯзи дигар монд. Танҳо омода бошед. Ҳамин ки шурӯъ шуд, бо мо бипайвандед. Дар майдони корзор, ҳар олоту силоҳе доред, бо худ бигиред. Ин хунхоронро дар хуни худашон оғушта месозем. Ҳам низомӣ дорему ҳам мулкию ҳам сиёсатмадорҳо. Дунёи ислом моро пуштибонӣ мекунад. ИНШООЛЛОҲ пирӯзӣ бо мост! Бо мо биёед! Режими золимонаю бединро аз решу бунаш меканем. Соати пирӯзӣ фаро мерасад. Бо ҲНИТ бошед".

Дар ин варақаҳо фаъолияти ҳокимияти имрӯза, сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамчун режими "золимонаю бедин" муаррифӣ гардида, шаҳодати онанд, ки ҲНИТ хилофи сиёсати пешгирифтаи имрӯзаи давлатдорӣ, ноором сохтани вазъи сиёсиву амнияти кишвар буда, мақсади сарнагун сохтани сохти конститутсионии давлати имрӯзаро дорад.

Бо ин мақсад, шаби 03 ба 04 сентябри соли 2015 номбурдагон тибқи нақшаи амалҳои ҷиноятии таҳияшуда, даст ба содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин задаанд.

Аз ҷумла, Назарзода А.М. бо сӯиистифода аз мақоми хизматии муовини вазири мудофиа, ҳамчун яке аз сарварони иттиҳоди ҷиноятӣ, дар якҷоягӣ бо гуруҳи ҳаммаслакони ҷиноятии худ, иборат аз 12 нафар, аз ҳисоби шаҳрвандони ғайринизомӣ навбатдории нуқтаи назорати гузаргоҳи Вазорати мудофиа ва қисми ҳарбии №17615-ро беяроқ гардонида, ба бинои маъмурии Вазорати мудофиа ва қисми ҳарбии №17615 ғайриқонунӣ ворид шуда, аз иншооти зикршуда силоҳҳои оташфишон, сару либоси ҳарбӣ ва лавозимотҳои ҷангиро барои мусаллаҳ гардонидани аъзои иттиҳодияи ҷиноятӣ, тасарруф намудаанд.

Ҳаракатҳои ҷиноятии худро идома дода, Назарзода А.М. ва ҳаммаслакони ӯ, муовини Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майор Саидзода Бобоҷон ва командири қисми ҳарбии № 08050 -ро дар Вазорати мудофиа ғайриқонунӣ аз озодӣ маҳрум намудаанд.

Дар фосилаи зикршуда, зиёда аз 150 нафар аъзои иттиҳодияи ҷиноятӣ бо супориш ва роҳбарии бевоситаи Назарзода А.М. дар маҳалли пешакӣ муайяншудаи собиқ "Хлебзавод", воқеъ дар ш.Душанбе, кӯчаи А.Дониш 55, ки ба Назарзода А.М., тааллуқ дорад ҷамъ омада, ғайриқонунӣ бо силоҳҳои оташфишони автомати Калашников, пулемёт, гранатомёт, милтиқи мергании оташфишонӣ ва дигар лавозимоти ҷангӣ мусаллаҳ гардонида шудаанд.

Ҳамчунин, номбурда бо дигар аъзоёни гурӯҳи ҷиноятии худ, бо сӯиистифода аз мақоми хизматӣ ва бо мақсади ғайриқонунӣ мусаллаҳ гардонидани боқимонда аъзоёни иттиҳоди ҷиноятӣ, ба қисмҳои ҳарбии 08050 ва 17651-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон рафта, аз он ҷо шумораи зиёди силоҳу лавозимоти ҷангӣ, аз ҷумла 180 автомати Калашников, 9 гранатомёт, 5 милтиқи снайперии Драгунов (СВД) ва 8 пулемёти дастии Калашниковро тасарруф намудаанд.

Минбаъд, Назарзода А.М. ва дигар аъзоёни иттиҳодияи ҷиноятӣ ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, ки баҳри таъмини амнияти давлат ва шаҳрвандон дар ҳолати иҷрои вазифаҳои хизматии худ қарор доштанд, дар ҳудуди шаҳри Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳри Ваҳдат ҳуҷуми мусаллаҳона намудаанд.

Аз маводҳои таркандаи намуди норинҷак истифода намуда, таркишҳо содир кардаанд, ки дар натиҷа 10 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳалокат расида, 7 нафари дигарашон ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардоштанд.

Ғайр аз ин, дар сомонаҳои ҲНИТ хабарҳои иғвогарона паҳн карда, барои сарнагун кардани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват намудаанд.

Ҳамин тариқ пешвоён ва аъзоёни ҲНИТ аз номи дини мубини Ислом, вале хилофи муқаррароти он баромад намуда, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки ваҳдати миллӣ, якпорчагӣ, соҳибихтиёрӣ ва амнияти ҷамъиятиро дар Тоҷикистон тавассути содир намудани амалҳои экстремистиву террористӣ халалдор созанд.

Оиди аз ҷониби ҲНИТ бартараф намудани қонуншиканиҳои дар фаъолияташон ҷойдошта дар давоми солҳои 2014 ва 2015 аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин маротиба огоҳномаҳо ирсол карда шудаанд, вале роҳбарияти ҲНИТ ба ин нигоҳ накарда, амалҳои ҷиноятkоронаи худро барои ғасби ҳокимияти конститутсионӣ тарҳрезӣ намуданд.

Ҳамин тариқ муайян карда шуд, ки мақсади асосии Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон аз сарнагун намудани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва халалдор намудани амнияти давлат иборат мебошад.

Мутобиқи моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ки мақсад ё амалашон ба фаъолияти экстремистию террористӣ, бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ташкил намудани гуруҳҳои мусаллаҳ равона гардидааст ва ё низои наҷодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ, маҳалгароӣ ва диниро тарғибу ташвиқ менамоянд, манъ аст.

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикргардида Суди Олӣ аризаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонеъ намуда, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро ҳамчун ташкилоти ифротгароӣ (экстремистӣ) - террористӣ эътироф намуда, фаъолияти ҳизбро қатъ ва ҳамчун шахси ҳуқуқӣ барҳам дода, нашри рӯзномаи "Наҷот" ва сомонаи интернетии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон, ба ҳудуди қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва паҳни аудио ва видеосабтҳо, истеҳсол, чопу нашри рӯзномаю адабиёт ва варақаҳои ҳизб манъ карда шуд.

*Душанбе, 29.09.2015*
*(АМИТ "Ховар")*

**Рӯйдодҳои ахири Тоҷикистон мавзӯи баҳсу баррасиҳои доираҳои гуногуни сиёсӣ, коршиносон ва маҳфилҳои иҷтимоӣ шудааст. Дар ин робита шахсеро пайдо кардан мушкил аст, ки беназар ва бетараф бошад. Бахше аз ин назарҳо дар ҳақиқат қобили таваҷҷуҳ буда, ба ин далел, ки мавзеъгирӣ ва дидгоҳҳои созанда доранд, метавонад барои пешгирӣ аз чунин зуҳуроти номатлуб дар оянда мусоидат кунанд. Дар мусоҳибае бо полковники мустафъии Вазорати мудофиаи ҶТ Саид Саидов мо ин масъаларо матраҳ кардем.**

# НАМЕХОҲАМ, КИ БА СОЛИ 92 БАРГАРДЕМ

**- Дар чанд ҳафтае, ки гузашт, расона ва пойгоҳи хабариеро ёфтан мушкил буд, ки дар бораи ҳодисаҳои Тоҷикистон ва ошӯбҳои низомӣ нанавишта бошад. Шумо ба унвони як ҳарбии касбӣ чӣ эҳсосоте дар ин рӯзҳо доштед?**

**- Агар гӯям, ки ҳолати баде маро фаро гирифта буд, боз ҳам баёни комили вазъияти рӯҳӣ ва ҳолати мағшуши равониам нахоҳад буд. Зеро замоне шахси низомӣ эътироз мекунад ва қасами хӯрдаашро мешиканад, ин як рӯйдоди оддӣ не, балки як ҳодиса ва амали хеле ҷиддӣ аст, ки таҳлили амиқро мехоҳад. Ба ин далел, ки чунин як амал аз ҳар навъ эътирозу ошӯби гурӯҳҳои дигар бештар хатарнок ва оқибатҳои сангинтар барои ҷомеа ва давлат дорад, исёни генерал А. Назарзода ва ҳаммаслаконаш маро сахт нигарон кард.**

**Намедонам, ин иқдоми мақомоти собиқи вазоратро чӣ омиле буд ва онон ба чӣ нерӯе такя мекарданд, ба ҳар ҳол дар чанд рӯз тавонистанд ҷомеаро ба ташвиш оранд ва нороҳат кунанд.**

**- Баъзеҳо дар пайи ин ҳодиса ва иқдомоти давлат барои боздошти саркардаҳо, аз ҷумла гурӯҳе аз фаъолони ҲНИТ дар шарҳи хабарҳо нороҳатӣ карда навиштаанд, ки ана боз соли 37 (ишора ба иқдомоти Давлати Шӯравӣ дар солҳои 1937-39) сар шуд. Ин гуна қиёсҳо ба назари шумо то кадом андоза мантиқӣ метобад?**

**- Ману шумо он солҳо набудем. Бовар дорам, онҳое, ки чунин шарҳ менависанду аз он солҳо ёдовар мешаванд, нафақат худ, балки падаронашон низ он солҳо набуданду асли гапро намедонад ва фақат дар ин бора аз забони бадгӯён шунидаанд.**

**Ҳар низом ва ҳар гуна давлат ҷиҳати муҳофизати худ, барои таъмини суботу амнияти шаҳрвандонаш нақшаҳое таҳия карда, ба иҷро мерасонад. Дар акси ҳол, ҳеҷ давлате дер намепояд ва арзише нахоҳад дошт.Тадбирҳое, ки дар солҳои аввали мавҷудият дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравии собиқ тарҳрезӣ ва амалӣ гардид, як иқдоми муассир барои поксозии ҷомеа аз унсурҳои зиддиинқилобӣ буд.**



**Ман бар ин боварам, ки агар чунин иқдомоти сахт он замон иҷро намешуданд, гумон буд, ки артиши Шӯравӣ дар ҷанг алайҳи фашизм (солҳои 1941-45) пирӯз шавад. Бубинед, ҳар чизе оғозу паёмад дорад. Ҳайратовар аст, онҳое, ки воқеияти он солҳоро надиданду намедонанд, рӯйдодҳои имрӯзаро ба он ҳаводисе, ки худ надидаву моҳияташро дуруст намедонанд, муқоиса карда дар як саф мегузоранд.**

**Хуб мебуд, ки инҳо, амалкарди саркардаҳои низомӣ дар ҳафтаҳои гузаштаро ба ҳодисаҳои солҳои 1991-1992 муқоиса кунанд.**

**Бо ҷонибдорӣ аз ҳар иқдоме, ки барои ҳимоят аз амну субот ва низом дар кишвар анҷом мегирад, намехоҳам ҳодисаҳои имрӯз ба рӯйдодҳои соли 37 муқоиса шавад, ҳамчунин намехоҳам, ки гурӯҳ ё нерӯе барои такрори ҳодисаҳои соли 92 бори дигар дар кишвар заминасозӣ кунанд.**

**- Рафтору мавзеъгирӣ ва изҳори назари бархеро дида кас хулоса мебарорад, ки ҳамин вазъияту сарнавишти Афғонистони ҳамсоя барояшон сабақ нашудааст…**

**- Банда чанд сол ба унвони атташеи ҳарбӣ дар сафорати Тоҷикистон дар Кобул иҷрои вазифа доштам. Шоҳиди рафтуомадҳои мақомоти сатҳи мухталиф ва афғонҳои оддӣ ба Тоҷикистон будам.**

**Бештари онҳое, ки ба Тоҷикистон омада мерафтанд, аз он ки дар кишвари мо бо ин ҳама зудӣ сулҳ бозгаштаву шаҳру маҳалҳо аз афорди силоҳбадасту низомипӯш озод ва тоза шудааст, ибрози ҳайрат мекарданд ва ба мо ҳасад мебурданд, ки дар кишвар барои бо сулҳ пешрафт кардан роҳ боз шудааст. Онҳо ба шароити сулҳ ва осоише, ки мо дорем, ҳавас мекунанду баъзе аз мо ба мисли як шахс ва нерӯе, ки бадии ин хоку ин мардумро мехоҳад, барои барҳам хӯрдани ин суботу оромӣ тарҳҳои хасмона кашида ба иҷро расонданӣ мешаванд, ки на барои худи онон ва на барои ҷомеаи Тоҷикистон паёмади хубе нахоҳад дошт. Зеро тавре мегӯянд, бадхоҳи мардум ҳеҷ гоҳ ба мақсад намерасад.**

**Солеҳ ЮСУФОВ**



# Аз наҳзат то террор

**Борҳо собит шуда, ки Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар тарҳрезии таҳдидҳо ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон ва минтақа даст дорад. Кунун исбот гардид, ки Раёсати ҲНИТ мақсади ҳамла ба биноҳои муҳими давлатиро доштааст. Ҳатто зимни бозҷӯии утоқҳои масъулини ҲНИТ, аз ҷумла утоқи ноиби аввали раиси ин ҳизб-Саидумар Ҳусайнӣ харитаҳои биноҳои муҳими давлатӣ дарёфт шудаанд. Ва ин бозгӯйкунандаи рафтори хатарноки наҳзатиҳо мебошад. Дар баробари ин, Додситонии кулли Тоҷикистон аз боздошти 13 узви хатарноки раёсати ҲНИТ иттилоъ дода, онҳоро дар ҳамдастӣ бо гурӯҳи ҳоҷӣ Ҳалим муттаҳам карда буд.**

Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ҳарчанд худро посдори дину оин ва шариати исломӣ медонад ва аъзои худро аз беҳтаринҳо қаламдод мекунад, вале имрӯз узви расмии ҳизб дар муқобили халқу мардуми худ қарор гирифта, теъдоди зиёди афроди фиребхӯрдаро бо ваъдаҳои дурӯғин даври худ гирд овардаанд, то муқобили ҳукумату давлати тоҷик қарор диҳанд.

Рафтори номардонаи ошӯбгароёни наҳзатиро кулли сокинони мамлакат маҳкум кардаанд. Кумитаи иҷроияи зиддитеррористии минтақавии Созмони Ҳамкории Шанхай низ аз амалиёти вижаи мақомоти Тоҷикистон алайҳи гурӯҳи Абдуҳалим Назарзода, ки даспарвари ҲНИТ буд, ҳимоят кард. Аз ин бармеояд, ки созмони мазкур амалиёти террористии наҳзатиҳоро маҳкум намуда, ҳадафи таъмини сулҳу субот дар минтақаро дорад.

Мутаассифона, раҳбари Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар гуфтугӯ бо "Deutsche Welle" вобаста ба аъмоли ноҷавонмардонаи муовини собиқи вазири дифои Тоҷикистон Абдуҳалим Назарзода, ки дар мубоによる мусаллаҳона бо нерӯҳои давлатӣ кушта шуд ва дар пайи ин ҳодиса даъвогару кӯмаккунанда ва маслиҳатдиҳандаи воқеаҳои охир ҳаммаслакони он ва боздошти аъзои ҲНИТ сурат гирифт, далели ин иқдомро шарҳ медиҳад ва ба иштибоҳ мекашад. Бояд зикр намуд, ҳар кас ки амнияти давлату миллати тоҷикро ба хатар меандозад ва ё халадор мекунад ба шадидтарин наҳв муҷозот хоҳад шуд.



Дар ин росто, раҳбарияти сатҳи болоӣ ва аъзою ҷонибдорони Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар мухолифат ба давлат ва ҷонибдорӣ аз ҳаводиси гузашта муҷрим ва муттаҳам ҳисобида мешаванд. Зеро онҳо бо А. Назарзода чанде пештар дар бораи нооpом намудани вазъият мулоқот ороста, ҳатто бо хаёлҳои хом барои ғасби ҳокимият шӯриши ҳамдастӣ кардаанд.

Ҳарчанд Муҳиддин Кабирӣ, раиси Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар суҳбат бо бахши форсии "Deutsche Welle" иттиҳоми ҳамкории ин ҳизб бо А.Назарзодаро рад карда бошад ҳам, мардум кайҳо медонанд, ки дар пушти Назарзода чӣ гуна қувваҳо амал мекунанд ва раҳбарии онро кӣ ба уҳда дорад. Вале М.Кабирӣ мегӯяд: "Ҳамаи аъзои Шӯрои сиёсии ҳизби мо аз тарафи мақомот ба иттиҳоми даст доштан дар ошӯби Назарзода дастгир шуданд. Мо ин иттиҳомотро рад мекунем ва ин парвандаро сохтагӣ ва фурсатталабона медонем". Ин парванда на сохтагӣ ва на фурсаттталабона аст. Наҳзат ҳамеша, махсусан, дар ибтидои солҳои навадум ҳамчун як ҷараёни ифротгароӣ ба вуҷуд омад ва монеи рушду нумӯи миллат ва давлати Тоҷикистон гардид ва ёди он рӯзҳои талхи ҷанг ҳанӯз дар зеҳнҳои мардуми тоҷик зинда аст. Ҳоло бошад, ҲНИТ дигарбора чунин равандро замина гузошта истодааст.

**Рустам РАҲИМОВ**

# БА БУЗУРГОН ХИСЛАТИ НОДУРУСТРО НИСБАТ НАБОЯД ДОД

*Аз назди масҷиде мегузаштам, ки садои воизе, ки бо лаҳни дилкаш тарафи намозгузорон мавъиза мекард, ба гӯшам расид. Воиз нахуст бо каломи арабӣ ҳарф мезад ва пас онро ба тоҷикӣ тарҷума мекард. Чун овози хуш дошт, лаҳзае ба ҳарфҳои ӯ таваҷҷуҳ кардам. Мегуфт:*

*- Пайғамбари Ислом душманони динро аз дами теғ мегузаронд. Мо низ бояд ин амалро ба ҷон ҳимоят кунем!*

*Ростӣ қабл аз ин чӣ мавъизаи хубе карда буд, дар зеҳнам намонд, вале ибораи "аз дами теғ мегузаронд", - хеле ҷангҷӯёна ва дағал садо дод. Зеро Ҳазрати Муҳаммад (с) ба ҳайси паёмбари башардӯст ва сулҳҷӯӣ маъруфтар буд, нисбат бар он, ки уммати худро даъват ба ҷангу хунрезӣ кунад. Дуруст аст, ки дар ибтидои дини мубини Ислом муборизаҳои зиёди хунине ба вуқӯъ пайваста буд, то ин дин дар байни мардум ҳамчун дини расмӣ нуфуз пайдо кунад. Гузашта аз ин Ҳазрати Пайғамбар мехост Ислом бо маърифату нармӣ ва даъвату таблиғ паҳн шавад. Вале мутаассифона дар он давра ҷоҳилон ва бесаводон низ дар лашкари Ислом зиёд буданд, ки дар бисёр ҳолатҳо мардумро ба тарсу зӯр ба ин дин мувоҷеҳ менамуданд.*

*Ҳароина Муҳаммад (с)-ро аҳли Ислом агар чун пайғамбар эътироф мекунанд ва ба ӯ эътиқод доранд, барои динҳои дигар ва умуман дар таърихи башар ҳаёти ӯ ибратомӯз буда, ӯро мисли як фарди нотакрор ва машҳуртарин чеҳра мешиносанд. Пас мо, мусулмонон набояд баъзе корҳоеро, ки шоистаи шаъни Пайғамбар нест, ба эшон нисбат надиҳем.*

*Табиист, ки дар он масҷид ҷавонони зиёде барои адои намоз омада буданд. Суханони таҳрикдиҳандаи воиз, ки ба куштору хунрезӣ аз номи Пайғамбари Ислом (с) ҳидоят мекард, дар замири ин ҷавонон мебоист тухми хушунату нифоқро сабз мекард. Ҳол он ки Худованд дар Каломи Шариф мефармояд:*

***"Ӯ он (Худой) аст, ки дар (миёни) бесаводон (яъне арабҳо) Пайғамбаре аз худашон барангехт, ки бар онҳо оятҳои Ӯро мехонад ва онҳоро пок мекунад ва ба онҳо китобу донишро меомӯзад. Ҳамоно онҳо пеш аз ин дар гумроҳӣ ошкор буданд".*** *(Сураи Ҷумъа, ояи 2)*

*Бештаре аз маърифатҳои динии мо дар байни насли ҷавон коста ва аз байн рафта ва аксар аз онҳо огоҳӣ надоранд. Баъзе дигар аз мусулмонон бошанд, ба вижа калонсолон, онро бо хурофоту бидъатҳо омехта намудаанд.*

*Шояд бештари ифротгароиҳо аз чунин ҳолатҳо ба вуқӯъ пайвандаанд. Бинобар ин рӯҳониён бояд ҳамеша зирак ва нуктасанҷ бошад. Як ҷумлаи нодуруст, метавонад мардумро комилан ба коми ҷаҳолат афканад ва онҳоро ба хунрезиву ошӯб таҳрик диҳад. Ба ҳамин хотир ба бузургон хислати нодурустро нисбат набояд дод, зеро онҳо намуна барои як дин як халқи ва ё як миллатанд!*

**Гулҳаёи МАДИМАР**

Ҳавлидорӣ ва бақайдгирӣ

# СЕРТИФИКАТ ҲУҶҶАТИ АСОСӢ АСТ Ё ШИНОСНОМАИ ТЕХНИКӢ?

## СОЛИ 2016 ДАР САРОСАРИ ҶУМҲУРӢ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛИ ШАҲРВАНДОН ВА ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ БА ҚАЙДИ ДАВЛАТӢ ГИРИФТА МЕШАВАД.

*Дар шароити имрӯзаи ҷумҳурии мо, ки ислоҳоти иқтисодӣ идома дорад ва дар заминаи он шаклҳои нави моликият ба вуҷуд меоянд, муайян кардани мансубияти молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад. Айни ҳол дар бештари кишварҳои ҷаҳон равзанаи ягона амал мекунад, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба як идора муроҷиат карда, дар баробари иҷрои корҳои техникӣ ҳамзамон ҳуқуқ ба молу мулкашонро низ ба қайди давлатӣ мегиранд. Аз ибтидои соли равон дар ҷумҳурӣ Корхонаи воҳиди давлатии "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" ба фаъолият шурӯъ кард. Хабарнигорамон дар бораи вазифаҳои асосии ин корхонаи навтаъсис бо чанд суол ба директори он Раҳмон Умариён муроҷиат кард.*



**-Мехостем ба таври мухтасар дар бораи ин ниҳоди нав маълумот диҳед.**

-Корхонаи воҳиди давлатии "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" бо корхонаҳои он дар шаҳру ноҳияҳо дар сохтори Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013 таҳти №88 "Дар бораи масъалаҳои бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он" дар заминаи Корхонаи воҳиди давлатии "Марказ Замин" ва корхонаҳои давлатии фаръии бақайдгирии техникии Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо дар шакли муттаҳидсозӣ ташкил шудааст. Муассиси корхона Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

КВД "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" санаи 16 июни соли 2014 дар қайди Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахси ҳуқуқӣ сабт гардида, фаъолияташро бо роҳи худмаблағгузорӣ ба роҳ мондааст.

**-Мақсад аз таъсиси корхона чӣ аст? Умуман, фаъолияти корхона кадом самтҳоро дар бар мегирад?**

-Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, махсусан замин дар саросари ҷумҳурӣ аз вазифаҳои калидиест, ки дар назди корхона вогузор шудааст. Вазифаи асосии корхона тартиб додани парвандаҳои заминсозӣ барои бо сертификат таъмин намудани истифодабарандагони замин мебошад. Инчунин рӯихати ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшавандаро тасдиқ ва тартиби таҳияи парвандаи заминсозиро назорат мекунад; барӯихатгирии техникии молу мулки ғайриманқулро тибқи тартиби муқаррарнамудаи Мақоми махсуси ваколатдори давлатӣ анҷом медиҳад; шиносномаи техникиро тайёр мекунад; корҳои заминсозӣ, аз ҷумла парвандаи заминсозӣ ва ташхиси ин гуна парвандаҳоро ба субут мерасонад; объектҳои таъиноти махсусро ба қайди давлатӣ мегирад, бақайдгирии шартномаҳои ипотекӣ ва ҳабси иншоотро ба роҳ мемонад, истифодабарии якумраи меросӣ, бемуҳлат, муҳлатнок ва иҷораи қитъаи замин ва дигар масъалаҳои марбут ба молу мулки ғайриманқулро ба қайди давлатӣ мегирад.

**-Аҳолӣ, махсусан сокинони деҳот ба моҳияту зарурияти ин ҳуҷҷатҳо сарфаҳм меравад?**

-Мутаассифона, на ҳамаи шаҳрвандон ба моҳияти чунин ҳуҷҷатгузориҳо сарфаҳм меравад. Гурӯҳе аз нофаҳмӣ ҳуҷҷатҳои лозимиро омода накарда, ба хатои роҳ медиҳанд. Маҳз чунин нофаҳмиҳо водор кардааст, ки мутахассисони мо дар ноҳияҳо ба ҷамоатҳои деҳот рафта, бо мардум вохӯриҳо баргузор кунанд ва моҳияти ҳуҷҷатҳои лозимиро фаҳмонанд. Чунин вохӯриҳо, алабатта, бенатиҷа нестанд. Аз дигар тараф, солҳои охир дар мавриди тақсимоти молу мулки меросӣ дар байни фарзандон баҳсҳои зиёде рух медиҳанд ва бештари парвандаҳое, ки дар судҳо баррасӣ мешаванд, ҳамин масъаларо фаро мегиранд. Тамоми кӯшишу ғайрати мо ба он равона гардидааст, ки дар оянда ба чунин баҳсҳо хотима дода шуда, ҳуқуқи шахсонро ба молу мулкашон ба қайди давлатӣ гирем ва ин ҳуқуқҳоро аз ҷониби давлат ҳимоя намоем.

**-Дар ҳавлидорӣ сертификат ҳуҷҷати асосӣ аст ё шиносномаи техникӣ?**

-Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ҳуҷҷати асосӣ аст, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи ҷудогонаи заминро муайян мекунад. Ҳар гуна молу мулки ғайриманқул бо замин алоқамандӣ дорад. Шиносномаи техникӣ бошад, маҷмӯи маълумотҳои техникии биною иншоотро ифода мекунад. Аз ин лиҳоз ҳар як биною иншоот бояд шиносномаи техникӣ дошта бошад.

**-Ҳамагуна фаъолият ду ҷанба дорад: ҳуқуқӣ ва техникӣ. Кадом санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои бақайдгирии молу мулки ғайриманқул таҳия шудааст?**

-Қонунгузории Тоҷикистон соҳибият ба молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба онро муқаррар кардааст. Заминаи ҳуқуқии молу мулк ва соҳибият ба он аз Конститутсияи ҷумҳурӣ сарчашма гирифта, бо дигар қонунҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он" ба танзим даровварда мешавад.

**-Молу мулки ғайриманқул, яъне чӣ?**

-Ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул) инҳо дохил мешаванд: қитъаҳои замин-ҳамчун моликияти давлатӣ, бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом ва молу мулки дигаре, ки ба замин алоқамандии мустаҳкам доранд.

**-Айни ҳол кадом корҳо амалӣ шудаанд?**

-Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармони директори КВД "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар ҷумҳурӣ 64 корхонаи давлатии фаръии "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" фаъолияташонро ба роҳ мондаанд. Ҷиҳати иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷорӣ намудани системаи ягонаи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар ҳафт шаҳру ноҳияи пилотӣ-Хуҷанд, Истаравшан, Хоруғ, Кӯлоб, Ҳисор, Рашт ва Бохтар аз 1 июли соли равон амалиёти бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он шурӯъ гардид. Таҷрибаи ин шаҳру ноҳияҳои озмоишӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ соли оянда амалӣ мешавад.

**Суҳбати Алӣ ҶӮРА**

Музофот

**Бори нахуст бо ташаббуси раиси ноҳияи Рашт Қаноатшо Лоиқзода мулоқоти кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, масъулини корхонаву муассиса ва ташкилоту идораҳои ноҳия бо хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки баъди хатм ба зодгоҳ ба кор омаданд, доир гардид. Дар чорабинӣ қатори донишҷӯён намояндагони идораи маорифи ноҳия, падару модарони кадрҳои ҷавон ва аҳли ҷамоатчигии ноҳия ширкат доштанд.**

# <u>Рашт:</u> ТАВАҶҶУҲ БА МУТАХАССИСОНИ ҶАВОН МЕАФЗОЯД

***Дар мулоқот зикр шуд, ки дар замони рушди босуръати илму техника талабот ба мутахассисон рӯ ба афзоиш асту бо назардошти таъмини минтақаҳо ба кадрҳои зарурӣ аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ тадбирҳои аввалиндараҷа андешида мешавад. Бахусус амалӣ гардидани ташаббуси саривақтии Сарвари давлат оид ба ҷудо гардидани квотаи президентӣ барои наврасони манотиқи кӯҳистони кишвар касри норасоии кадрҳоро ба андозаи чашмрас коста намуда, дар пайравӣ ба хатмкардагони донишгоҳҳои мамлакат ва кишварҳои хориҷ сафи иштиёқмандони таҳсил дар макотиби олӣ аз ҳисоби духтарони кӯҳистон рӯ ба афзоиш аст. - Баъди хатми донишгоҳҳо ба кор омадан як тарафи масъала бошад, мувофиқи ихтисос ба кор таъмин кардану ҳавасманд намудани кадрҳои ҷавон дар шароити ноҳияи дурдаст муҳиму зарурист, зеро як муносибати хунукназаронаи мо метавонад, кадрҳои ҷавонро дилсард созад, -зикр намуд раиси ноҳия. Бо назардошти эҳтиёҷот ба мутахассисони касбу кори гуногун масъулини соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияро зарур аст, ки ба кадрҳои ҷавон, бахусус нафароне, ки пас аз хатми донишгоҳҳо ба кор омадаанд, ёрии ҳамаҷонибаи худро дареғ надоранд, таъкид гардид дар ҷамъомад.***

***Қайд шуд, ки соли равон қатори донишҷӯёне, ки тибқи квота таҳсил кардаву бо роҳхат ба ноҳия баргаштанд, чандин мутахассиси соҳаҳои гуногун низ фаъолияти меҳнатии худро дар зодгоҳи хеш оғоз намуданд. Боиси хушнудист, ки миёни онҳо 3 нафар донишгоҳҳоро бо баҳои аъло ва дипломи сурх хатм кардаву донишҳои назариявии худро дар хоҷагии халқи ноҳия дар амал татбиқ карданӣ ҳастанд. Яке аз онҳо Диловар Хоҷаев- хатмкардаи риштаи иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бароманди худ зарурияти истифодаи комёбиҳои нав ба нави илмиро дар истеҳсолот қайд намуда таъкид кард, ки муҳаббат ба Ватан ва хоку диёр моро водор менамояд, ки қарзи худро назди халқ аз сидқи дил ба ҷой оварем. Зеро меҳнати софдилонаи падару бобоёни мо имкон дод, ки ин гӯшаи диёри кишвари маҳбуби мо шукуфон бошаду барои рушдиояндаи он мо вазифадор ҳастем. Бобои ман, Ваҷиддин Хоҷаев, ки тамоми умр дар ноҳияҳои мухталифи ҷумҳурӣ софдилона кору фаъолият намудааст, барои ман намунаи ибрат хоҳад буд, гуфт ӯ.***

***Дар фарҷоми чорабинӣ ба мутахассисони ҷавон Ифтихорномаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва мукофотҳои пулӣ супорида шуд.***

**М. МАҲМУДОВ**



# МУАЛЛИМА

**Мо - хонандагони замони шӯравӣ ҳанӯз аз синфҳои дуюму сеюм дар бораи интихоби касб иншо менавиштем. Дар ҳар як синфи 30-35-нафара касбҳои интихобкардаи кӯдакон аз 3-4-то зиёд набуданд. Мо ҳамагон касби аз ҳама дӯстдошта доштем. Чун муаллим навиштаҳои моро ҷамъбаст мекард, дар ҷойи аввал ҳамеша касби муаллимӣ меистод. Ҳатто духтаракони деҳа, ки аксаран медонистанд, ки онҳо калон мешаванду ба шавҳар мебароянд, онҳоро баъдан хонданӣ намемонанд, бо сад орзуву ҳавас менавиштанд: "Мехоҳам муаллима шавам", "Орзу дорам, ки дар оянда омӯзгор шавам".**

**ОРЕ,** писарону духтарони зиёди мактаби мо орзуи муаллиму муаллима шудан доштанд. Зеро онҳо барои ин идеал доштанд.

Ҳамаи ин орзуҳои кӯдаконаву қишлоқии мо, ки касби барои он замон ва ҳар замон муқаддасу ифтихорӣ - муаллимӣ сарчашмаи рӯшане доштанд. Ин сарогози орзуҳои ман муаллимаи хушрӯву хушрӯзгору бофарҳангу боҳунар, зани орзуҳои осмонии мо, бонуи намунаи кору фаъолият Гулчаҳон Қурбонова ва ҳамсари Исмоил Қурбоновро чун сиёсатмадори номдор, корманди воломақоми ҳизбӣ хуб дар ёд доранд.

Муаллимаи донишманду математики хушзавқи мо Гулчаҳон Қурбонова хоҳари Исмоил Қурбонов буд, ки баъди хатми Донишкадаи шаҳри Кӯлоб ҳанӯз солҳои панҷоҳум ба совхози ба номи Турдиеви ноҳияи Москва ба кор омада, шаҳро ба деҳа иваз кард. Ва шамъи маҳфилҳову ормони дили ҳазорон духтаракон монд. Касе аз ягон рафтору гуфтори ӯ эҳсос намекард, ки табораш дар мансабҳои баланде мақом доранд.



муаллими ӯ Абдулло Нодиров буданд.

Хонадони бомаърифату бомаданияти онҳо чун чароғи раҳнамову хираде буд, ки ҳамагон ба сӯяшон танҳо ва танҳо бо эҳтирому ҳавас ва ифтихору эътироф менигаристанд.

Гулчаҳон Қурбонова нахустин муаллимаи деҳаи мо хушлибостарин, хушрафтортарин, хушсуҳбаттарин, хушҳунартарин бонуи ҳамон вилоят буд. Насли калонсол собиқ вазири корҳои дохилӣ

Ӯ тӯли умри кӯтоҳу хеле зебои хеш 9 фарзандро, ки баъдан аксарияташон аз пайи касби волидон рафтанд, ятим монду дар синни 38-солагӣ моро тарк кард.

Вале рӯзгори зебову фарҳангии ин хонадони муаллимон, ки намунаи ибрати ҳамагон буданд, то абад дар ёдҳо чун шамъи маърифатомӯз ба ҷо монд. Чаро? Зеро муаллима чӣ дар пӯшидани либос, чӣ дар хонадорӣ, ҳамсарӣ, модарӣ, ҳамсоягӣ, меҳмоннавозӣ, инсондӯстӣ, шогирдпарварӣ, эҳтирому муқаддас доштани касби омӯзгорӣ ягона буд.

Мо ба мӯйҳои то лаби домон дарозаш, ба куртаҳои бо усули зебои ҳунармандии хос бо дасти худаш дӯхтаи ӯ, ба пошнаҳои баланди туфлиаш, ба чеҳраи ҳамеша хандону чашмони муҳаббатбораш ҳамеша ошиқона нигоҳ мекардему орзу мекардем, ки чун ӯ муаллима бошем. Яъне тозаву озода, бомаданият, донишманд, соҳибэҳтиром, ширинсухан, меҳрубон ва азизи ҳама.

Солҳои аввалини фаъолияти меҳнатии ман ҳам дар деҳае аз муаллимӣ оғоз ёфт. Аҳли хонадоне, ки ман дар он келин шудам, низ ҳамагӣ муаллим буданд. Ман ҳам аз аҳли деҳ бо сару либос ва донишам фарқ мекардам. Вале ман он рӯзгори сирф мадании як муаллимае, ки ҳар як қадамаш маърифати хосае дошт, надоштам.

Ӯ ҳамаро дӯст медошту ҳама дӯсташ медоштанд. Ба охирин бемор ҳам расидагӣ дошту дар садри базми тӯй ҳам болонишин.

Ӯ ҳунарҳое дошт, ки ҳеҷ кадоме аз занҳои на танҳо деҳаи мо, ҳатто навоҳиву атрофи он надоштанд. Ӯ зани хосае буд, ки дар қалби ҳамагон бо диданаш танҳо эҳтирому муҳаббат пайдо мегашт. Зеро ӯ касбашро дӯст медошт, одамонро дӯст медошт, оилаи худ ва ҳар киро, ки ба он алоқамандӣ дошт, онҳоро ҳам дӯст медошт. Ӯро ишқ ба деҳаи мо оварда буд ва чун аз мо рафт, танҳо ишқ боқӣ гузошт.

Ба марги муаллимаи ҷавони мо ва нуҳ тифли сағир мондааш моҳҳову солҳо мардум гиристанд. Ба ёдаш сӯхтанд, вале дигар муаллимаи Гулчаҳон Қурбонова нотакрор буд.

Қариб касе аз ӯ ном намебурд ва насабашро ҳам намегиранд. Ӯ муаллима ном дошт, муаллима буд ва муаллима монд. Баъди ӯ дар мактаби рақами 9-и ноҳияи Москва садҳо муаллимаҳо кор карданд, ки аксараш дар пайравӣ ба ӯ ё аз орзуҳои волидонашон ба ёди муаллима ин касбро соҳиб шуданд. Вале муаллима дигар ҳамтои худро наёфт. Ӯ ҳамоно яктост -ҳунарманд, босавод, бомаърифат, хушсуҳбат, меҳрубон, ғамхор, дӯстдору хотирдор. Муаллимаи баобрӯ, соҳибэҳтиром, муаллимае, ки худашу рӯзгораш боиси тақлид, пайравӣ, омӯзиш ва такрор аст. Аммо боз ҳам ӯ дар касби муаллимӣ нотакрор монд. Чаро?

Зеро ӯ ошиқи касби худ ва ошиқи одамон буд, ӯ ҳаётро, шогирдону мактабро дӯст медошт.

Аз чаҳор духтараш -Бунафша, Маърифат, Махфират ва Сурайё се нафар чун модар муаллима шуданд. Аз панҷ писар ҳам чандтояш пайи ин касб рафтанд. Вале ку такрори муаллима? Муаллимае, ки ними аср аз маргаш гузаштаву дар қалбҳои наслҳои баъдӣ ҳамчун рамзи муаллима яктову боқист.



Бо тақозои умр бо муаллимаҳои зиёде ҳамкорӣ, дӯстӣ, ошноӣ ва корафтодагиҳое доштам. Аз ҳамаи онҳо он симои ошкоро он хислатҳои идеалӣ, он рафторҳои намунавӣ, он чеҳраи бароям ошкорову азизро мекобам. Вале ҳайҳот! Аз худ суол мекунам, ки чӣ сирре буд дар он бонуи саропо маърифату сеҳр? Чӣ тилисме буд, дар дарсҳову рӯзгору рафтораш, ки фаромӯшношуданист. Посух яктост. Одамият. Дасти сахояш, медод ҳама чизашро, вале наметалбид.

Самимӣ бошед, омӯзгорони азиз, ки пурифтихортарин ҷашн иди шумост. Шумо аз худ нури маърифат ва инсондӯстиву фурӯтанӣ боқӣ гузоред, то умре дар дили одамон чун сарчашмаи эҳтиром боқӣ бимонед, чун муаллима.

-Ҳар субҳи барвақти идҳо кӯдакони сағира куртаи нави дӯхтаи ӯро пӯшида хурсандӣ мекарданд.

-Ҳар субҳи содиқ зани навзод нахуст гардсӯзи пухтаи муаллимаро дам мекашид.

-Ҳар мӯсафеди барҷомондае хӯроки бо гӯшти қимаи муаллимаро хӯрда, дасти дуо мебардошт,

-Ҳар зани беморе аз оши туппаи бо дастони ҳунармандонаи хеш буридаи муаллимаро, ки таъми хос дошт, хӯрда, ба по мехест.

-Ҳар шогирди камсаводе аз муаллима дарси иловагӣ мегирифт, дар ҳоле, ки як хона кӯдаки хурдсоли худаш ҳам ниёз ба меҳри ӯ доштанд.

-Ҳеҷ як зани деҳа, ки номи гарм мепухт, шакаробашро бе муаллима хӯрдан намехост.

-Ҳеҷ як маъракадоре намехост, ки бе ҳузури муаллима хурсандияш оғоз бигардад.

-Ҳар волиде орзу мекард, ки чун муаллима духтаре дошта бошад.

-Ӯ қаҳрамони воқеии замонаш, раҳкушои нахустини духтарони деҳот дар гирифтани маълумоти олӣ буд.

-Муаллима, нахустин зани соҳибмаърифати деҳае буд, ки имрӯз ҳар як духтари сеюмаш соҳиби маълумот аст.

-Муаллима нуре дар зулмоти бефарҳангии занони солҳои панҷоҳум буд, ки то ҳанӯз рӯшан мондаву чароғи роҳи маърифат аст.

-Ҳар нафаре, ки аз он солҳо дар совхози ба номи Турдиеви ноҳияи Москва то ин дам соҳиби маълумоти олӣ гаштааст, аз файзи хушрӯзгории ин зани соҳибмаърифат ба ин дараҷа расидааст.

-Ӯ эҳдо мекард, ато мекард, мебахшид, ройгон сарфи дигарон мекард, ҳар чи ки дар бисоташ дошт. Вале ҳеҷ гоҳе аз касе тамаъ надошт.

-Ҳар як хислати волои инсонии муаллима Гулчаҳон Қурбонова дар ниҳоди шогирдон ва наслҳое, ки ӯро мешинохтанд, осоре боқӣ гузоштааст. Осори одамият, фарҳангдорӣ ва инсондӯстӣ. Осори хислатҳои волои омӯзгорӣ.

**Ҳуринисо АЛИЗОДА**

---

**Ахбори ҳизбӣ**

## АФЗОИШИ САФИ ҲИЗБИЁН ДАР РӮДАКӢ

Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Рӯдакӣ афзун намудани сафи ҳаводорону ҷалби намояндагони табақаҳои мухталифи ҷомеаро ба сафи ҳизб аз самтҳои афзалиятноки кори худ медонад. Дар муддати кӯтоҳ созмон додани 11 ташкилоти нав дар корхонаю муассисаҳои ноҳия имкон дод, ки 245 нафар, ки аксарияти онҳо занону духтарон ва ҷавонон мебошанд, ба ҳизб шомил гарданд.

-Дар марҳилаи рушди бисёрҳизбӣ зарур аст, ки ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, бо донишҳои мукаммали сиёсӣ дар рақобати солим бо намояндагони дигар ҳизбу ҳаракатҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ фаъолиятро ба роҳ монем, -мегӯяд раиси кумитаи иҷроияи ҳизб Саидкабир Абдураҳмонов.

Ба ақидаи номбурда аъзои ҳизб бояд табақаи пешқадами ҷомеа будани худро нишон дода тавонанд. Дар акси ҳол, мардумро ҷалбу сафарбар карда ва аз паси худ бурда наметавонанд. Ин аст, ки моҳҳои охир мо тавонистем дар ҳамбастагӣ бо мақомоти маҳал ба корҳои ободонӣ саҳм гузорему мулоқотҳои пай дар паи намояндагони ташкилотҳо ҳизбӣ ҷиҳати ба мардум фаҳмонидани нақшаҳои бунёдкоронаи ҲХДТ чун нерӯи созандаи ҷомеа самараи нек ба бор оварда истодаанд.

Муассисаи давлатии беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳӣ, ки дар ҳудуди ноҳия воқеъ гардидааст, қатори ба иҷро расонидани вазифаи пурмасъулияти худ ҷиҳати таъмини фароғати ин табақаи ниёзманди ҷомеа дар пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ саҳми муносиб мегузоранд. Ба наздикӣ аз шумораи умумии 350 нафар кормандони ин муассиса 240 нафари онҳо ба ариза ба кумитаи иҷроияи ҳизби ноҳия муроҷиат намуда, хоҳиши шомил шудан ба сафҳои ҲХДТ-ро тақозо намуданд. Пас аз суҳбату мулоқот бо кормандон ва шинос намудани онҳо бо талаботи Оинномa ба Барномаи ҳизб дар лаҳзаҳои тантанавӣ ба хоҳишмандон билети аъзогии ҳизб супорида шуда, дар нахустин ҷамъомади ҳизбӣ сарвари Муассисаи давлатии беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳӣ Хуршед Қунғуротов раиси ташкилоти ибтидоӣ интихоб шуд. Кормандони муассиса дар назди худ мақсад гузоштанд, ки бо меҳнати пурмаҳсул ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ саҳми муносиб гузоранд.

**М.МАҲМУДОВ**

## СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ

**ҶИРГАТОЛ. 26 сентябр дар ноҳия семинари омӯзишӣ барои роҳбарони ҳизбӣ баргузор гардид. Дар семинар узви КИМ ҲХДТ, раиси ноҳия Умедхоҷаи Зоҳир, муовини раиси ноҳия Б.Аббосова, роҳбари дастгоҳи раиси ноҳия М.Ҷабборов, вакилони ноҳиявӣ, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва роҳбарони 50 ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ ширкат доштанд.**

Тавре аз Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб хабар доданд, дар назди ҳозирин Т.Динорова-мудири шуъбаи таблиғот ва иттилооти КИ ҲХДТ, Н. Абдулазизова-раиси ТҶҶ "Созандагони Ватан", С. Насриддинова-мудири шуъбаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва дигарон дар мавзӯъҳои гуногун маърӯза карданд. Ба хусус маърӯзаҳои Н. Ғафурова-раиси КИ ҲХДТ дар ноҳия дар бораи тартиби бақайдгирии узви ҲХДТ, А.Гулмаҳмадова, раиси ТИ "Фарҳанг" дар бораи захираҳои кадрҳои ҳизбӣ хотирмон буд.

Аз рӯйи маърӯзаҳо мубодилаи афкори судманд сурат гирифт. Дар ин қисмати семинар П.Абдуссатторов-раиси ТИ "Маориф", И.Ғафуров-раиси ТИ "Тандурустӣ" ва Д.Сафаров-раиси ТИ "Роҳсозон" фаъол буданд.

Дар охир ба роҳбарони 12 ташкилот, ки фаъолияташонро хуб ба роҳ мондаанд, Сипосномаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ ва ба 20 нафар билетҳои ҳизбӣ дода шуд. Ҳамзамон ба ҳамаи ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ китоби "Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти ҳизб" тақдим гардид.

**А.САФАРЗОДА**

**Дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 150- солагии шоири ширинбаёни тоҷик Муҳаммад Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ таҳти унвони "Ҷойгоҳи Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ дар адабиёти тоҷик" мизи мудаввар баргузор гардид.**

# ҶОЙГОҲИ НАҚИБХОН ТУҒРАЛ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

Ҷамъомадро директори Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои педагогӣ Шариф Комилзода ифтитоҳ намуда, ҳозиринро хайрамақдам гуфт ва роҷеъ ба таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба бузургони гузашта ва чопи осори пурғановати онҳо, ҳамчунин таҷлил намудани санаҳои муҳими таърихӣ, аз ҷумла зодрӯзи онҳо суханронӣ намуд.

Сипас узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзо Муллоаҳмад дар бораи зиндагинома ва роҳи эҷодии Нақибхон Туғрал ибрози андеша намуда, аз ҷумла қайд кард, ки "шоир ҳам дар Самарқанд ва ҳам дар зодгоҳаш бо муҳити адабӣ хеле робитаи қавӣ дошт. Туғрал Шамсиддин Шоҳинро устоди худ мешуморад. Ҳамчунин бо шоирон Гулшанӣ, Васлӣ, Тамҳид, Гулханӣ, Қурбӣ, Лутфӣ, Ҳасратӣ, Равнақ, Ваҳҳоҷ ва амсоли онҳо дӯстиву рафоқат дошт. Нақибхон Туғрал Инқилоби Октябрро ба хушнудӣ истиқбол намуда, ба хидмати давлати Шӯравӣ мепардозад ва дар муборизаҳои зидди босмачиён бо сарбозони сурх ҳамкорӣ менамояд. Вале бо туҳмате аз ҷониби онҳо соли 1919 ҳангоми озод кардани деҳаи Вешаб ноҳақ бо амри сардори дастаи аскарони сурх-Шетинин кушта мешавад. Соли 1960 Раёсати Суди ОлииТоҷикистон дар бораи беасос будани ҳукми қатли Нақибхон Туғрал қарор баровард. Барои сурат гирифтани ин амали одилона як гурӯҳ адибону донишмандон ва ходимони сиёсӣ амсоли Ҳабибулло Назаров, Сиддиқ Зарифов, Б. Холиқбердиев, А. Баротов, С.Холов, Б.Орифов, А. Пӯлодов, С. Ҷӯрабоев талоши зиёд ба харҷ доданд. Осори то соли 1916 таълиф кардаи худро Нақибхон Туғрал бо мадади дӯстон дар матбааи шаҳри Коғон ба табъ мерасонад, ки он аз ғазалиёту қасоид, мухаммасоту мусаддасот, рубоиёту дубайтиҳо ва муқаттаоту маснавиҳо иборат аст. Навиштаҳои солҳои охири умри шоир, ки дафтарҳои мусаввадаи онро дидаанд, ҳанӯз ба даст наомадааст.

Номзади илмҳои филологӣ Асрори Раҳмонфар дар мавзӯи "Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ - шоири ширинтакаллум ва писандидаи мардум" маърӯза кард. Ӯ аз ҷумла зикр намуд, ки "Нақибхон Туғрал 26 марти соли 1865 дар хонадони марди давлатманди деҳаи Зосуни ҷамоати Варзи Манори кенти Фалғар (ҳозира ноҳияи Айнӣ) Шоҳносирхон маъруф ба Мирзо Бобохон таваллуд ёфтааст. Гузаштагони Туғрал аслан самарқандӣ буда, чанд пушт пештар аҳли хонадон аз дасти ҷабру зулми ҳокимони яғмогар ба дод омада, ҷониби Фалғар фирор кардаанд.

Овони кӯдакию наврасии Туғрал дар зодгоҳаш ва дар зери саробонии бевоситаи падар ва бародаронаш Тӯрахон, Мансурхон, Ҳамзахон ва Акобирхон гузашта, хатту саводи ибтидоиро дар деҳа аз устодони маҳаллӣ баровардааст. Аз ҷумла яке аз устодони нахустинаш Қозӣ Абдулҷаббор ном марди фозилу шоирпешаи урметанӣ будааст, ки аз болооб то поёноби Зарафшон ба ҳукми қозии адолатпаноҳу саховатпеша шуҳрат дошт. Нақибхон дар овони ҷавонӣ ба нияти дарёфти камолоти бештари илмию адабӣ таҳти саробонии падари маърифатпарвараш роҳи Самарқанду Бухороро пеш гирифта, даставвал дар шаҳри бостонии Самарқанд мезияду мехонаду меомӯзад. Туғрал дар байни солҳои 1918-1919 ҳамроҳи аскарони сурхи Шӯравӣ дар чандин задухӯрди хунин алайҳи босмачиёни болооби Зарафшон бевосита ширкат варзида, борҳо ситоди дастаҳои ихтиёрию аскаронро дар ҳавлии худ ҷой медиҳад ва ҳамроҳонаш деҳоти Томин, Фатмев, Гузари Бод, Рарз ва Похутро аз ҷанги душманони синфӣ озод мекунад. Ва дар рафти яке аз чунин муҳорибаҳои шадид барои озодии деҳаи Вешаб аз тарафи душманону бадхоҳонаш ба туҳмати ноҳақ гирифтор ва 28 июни соли 1919 дар мавзеи Лангари деҳаи Сангистони ноҳия хунсардона ба қатл расонда мешавад. Ин ҳукми нангину ноодилонаро Шетинин ном сардори дастае, ки дар роҳи нобуд шудани аскарони сурх аз ҷанги босмачиён худаш гунаҳкору сабабгори асосӣ будааст, бидуни иҷозати расмии давлатӣ бароварда худ онро ба иҷро мерасонад. Баъдҳо қонуни адолатгустару ҳукумати ҳақиқатпарвари шӯравӣ Шетининро барои чунин худсарию гунаҳкорияш одилона ба ҳабс маҳкум мекунад ва ӯ дар маҳбас хору залилона ҳалок мешавад",-зикр кард Асрори Раҳмонфар.

Муовини директори Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои таърих Абубакр Зубайдов дар бораи ашъори Нақибхон Туғрал дар мусиқии тоҷик суханронӣ намуда, аз ҷумла гуфтаҳои олими тоҷик Тӯрақул Зеҳниро хотиррасон кард: "Ғазалиёти Нақибхон Туғрал содда, самимӣ ва пурҷӯшу хурӯш иншо ёфтааст. Хусусан мухаммасоти ӯ соддаю равон мебошанд, ки ҳатто онҳоро аксар ҳофизони давраш, ҳамчун Ҳоҷӣ Абдулазиз, Камол-ака, Ҳасани Ҷӯҷа, Қорӣ Яъқуб ва дигарон ба мақом дохил карда мехонданд ва ба ҳамин восита ранги оммавӣ гирифта буд.

Инчунин ҳунармандони забардасти он замон-Левии Яҳудӣ (мулаққаб ба Левича), Домулло Ҳалим ва амсоли онҳо низ ба ғазалҳои ноби Туғрал оҳанг баставу сурудаанд. Имрӯзҳо низ ғазалҳои шоир дар иҷрои ҳунармандони шинохта Муродбек Насриддинов, Саидқул Билолов, Давлатманд Холов, Маҳкам Зубайдуллоев, Наимҷон Маҳкамов, Хурсандмурод Зарифов, Озодамо Муҳтарамова, Афзалшо Шодиев ва дигарон тавассути радиову телевизион садо медиҳад. Чӣ тавре ки аз ашъори шоир дармеёбем, ӯ аз илму амали мусиқии замонаш хуб бархурдор будааст, зеро баъзе истилоҳоти мусиқӣ ва номи созҳои гуногуни мардумиро хеле устокорона ва мувофиқи мақсад истифода намудааст", - мегӯяд Абубакр Зубайдов.

Пас аз суханрониҳо чанд нафар иштирокдорони чорабинӣ ба музокира баромада, оид ба паҳлуҳои гуногуни эҷодии шоир фикру андешаҳояшонро баён доштанд.

Тавре зикр шуд, Нақибхон Туғрал дар густариши равиши содаи сабки ҳиндӣ саҳм гузошта, бо ашъори дилкашу диловезаш ба ташаккулу рушди сабки соддаи шеъри тоҷик дар ибтидои асри XX то андозае мусоидат кардааст.

Дар охир намоиши осори Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ аз ҷониби кормандони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

**Китобиёт**

# Истиқлолият фазои диниро тавсеа бахшид

***Андешаҳо дар атрофи рисолаи номзадии исломшинос Тоҳир Рашид***

Баъди соҳиб гаштан ба истиқлолияти давлатӣ, ки он яке аз неъматҳои пурарзиши мардуми Тоҷикистон аст, озодии дину имон ва таҳқиқу таҳлили масоили марбут ба эътиқодоту мазҳаб барои олимону муҳаққиқони соҳа фароҳам омад.

Бо ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба таҳкими ваҳдати миллӣ, оромию субот ва ободию пешравии кишвар нигаронда шудаанд, омӯзиш ва пайгирии асолати динӣ ба хусус мазҳаби ҳанафӣ ҷараён гирифт. Инчунин таҳқиқи баъзе масоиле, ки дар замони ҳукумати Шӯравӣ номумкин буд, имконпазир гашт. Ва мебоист, то ба имрӯз дар партави сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар аз тарафи олимону ходимони дин чандин мавзӯъҳои ахлоқию динӣ таҳқиқу баррасӣ гашта, дар ин самт рисолаҳои номзадӣ мавриди дифоъ қарор меёфтанд. Махсусан аз ҷониби онҳое, ки худро ҳомию пуштибони дини мубини Ислом муаррифӣ намуда, дар ҷомеа аз шуҳрату маҳбубият бархурдор гаштаанд, ин амали хайр анҷом дода мешуд. Аммо мутаассифона дар ин самт ҳеҷ кори қобили мулоҳизаеро ба сомон нарасондаанд.

Чанде қабл аввалин шуда муҳаққиқи улуми исломӣ Тоҳир Рашид дар мавзуи "Ҷойгоҳи илм дар Қуръон" рисолаи номзадии худро дар Шӯрои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҳимоя намуд, ки шоистаи таҳсин аст.

Номбурда дар рисолаи мазкур масъалаи илм, марому мақсад ва фазилату манзалати онро дар Қуръон баррасӣ карда, нақш ва манофеи комили онро ба хонандагон бозгӯ намудааст. Ӯ аз ҷумла чунин нигоштааст: Худо (ҷ) барои комил кардани ақл донишандӯзиро барои инсон фарз фармудааст. Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки бо донишомӯзӣ мақоми инсон дар амалҳояш ҳамчун равшании чароғ аз малоик боло меравад, мавриди наомӯхтан аз мол пасттар қарор мегирад. Пайғамбари Худо (с) фармудааст: Доноӣ саромади ҳамаи хубиҳост ва нодонӣ саромади ҳамаи бадиҳо. Боарзиштарини мардум касоне ҳастанд, ки аз дониши бештаре бархӯрдоранд ва камарзиштарини мардум касоне ҳастанд, ки аз дониши камтаре баҳрамананд. Алӣ (а) гуфтааст: Саромади фазилатҳо дониш аст, нуқтаи поёни фазилатҳо дониш аст. Диле, ки дар он чизе аз дониш набошад, монанди хонаи вайронае аст, ки ободкунандае надорад.

Муаллиф хотирнишон сохтааст, ки бисёре аз одамон додаи васвасаи шайтон гаштаву ба амрози маънавӣ гирифтор шудаанд ва роҳи наҷоту халосӣ аз он танҳо ба воситаи илм мебошад. Дар тамоми давру замон шайтон бо номҳои ҳирс, ҳасад, кибр, ғурур, бухл, таассуб, рашк, риё, кина ва ғайраҳо дар қалбҳои мардум ҷой гирифта, ҳар як дар мақоми худ тибқи вазифааш инсонҳоро ба сӯи шарр бурда истодааст… Аз ин рӯ, агар имрӯз ба тамоми қишрҳои ҷомеа назар афканед, бештарашон дар курсии таассубу кибру ғуруру ҳирсу ҳасад ва ғайраҳо қарор доранд, ки натиҷааш коста шудани ободии ҷомеа мебошад.

Назари Тоҳири Рашид нисбат ба фармудаҳои Худо хеле дурандешона буда, Қуръонро ҳамчун дастурамали Ислом сабаби ободии дунёву охират маънидод кардааст. Қуръон, ки дастурамали Ислом аст, ба ҳаёти дунявӣ аҳамияти бештар қоил аст ва метавон гуфт, ки ҳамаи дастурот ва роҳнамоиҳои дини ислом ба сӯи некӯ равона кардани ҳаёти инсон дар ин дунё нигаронида шудааст. Касе, ки ин дастуротро амалӣ мекунад, аввал дунё баъд охираташ обод мегардад. Ҳадаф аз амру наҳйиҳо муҳайё намудани ҳаёти хуб ва ором ва таъмини осоиши инсонҳост, то ки онҳо дар ин дунё ба душвориҳо ва мушкилиҳо мувоҷеҳ нашаванд.

Муаллиф дар ҷои дигар Қуръонро оинномаи инсонӣ хонда, баҳра набурдан аз Қуръонро сабаби беарзиш ва бемантиқ гаштани эҷодиёти бархе олимон гуфтааст: …Зарбулмасали халқии мазкур барои ин гуна одамон гуфта шудааст: Олим шудан осон-одам шудан мушкил. Ин ҳама дар ниҳоят ба он мувоҷеҳ мегардонад, ки онҳо аз оинномаи инсонӣ (яъне Қуръони маҷид) бехабар ва дур мондаанд.

Муаллифи рисола исбот кардааст, ки Қуръони маҷид ҳама гуна масоилро ҳаллу фасл намудааст ва то та бошем, албатта лозим аст, ки аз илмҳо ва равишҳои тарбиявии кишварҳои аз лиҳози фарҳангӣ ва динӣ ба мо наздик баҳравар бошем. Ба ҳамин хотир таълим гирифтани як гурӯҳ ҷавонони миллат, албатта бо назорат ва роҳнамоии вазорату идораҳои дахлдор дар кишварҳои хориҷӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин боис мегардад, ки дар ҷомеа рақобат ва таҳлилҳои солими илмӣ ба вуҷуд ояд ва давлатмардонро дар идораи давлат ёрӣ расонад.

Оид ба тамоюл ва гароиши баъзе ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу равияҳо, ки боиси ихтилоф, тафриқа ва ноорамии ҷомеа мегардад, чунин гуфтааст: Дар мавриди тарбияи дурусти динии фарзандон бояд гуфт, ки он дар айёми ҷавонӣ бисёр муҳим аст. Агар дар ҳамин давра маълумоти лозим ва дурусти динӣ ба онҳо дода нашавад, эътиқодоти онҳо имкон дорад ноқис монад. На-



кунун батадриҷ баъзеи онҳо барои мо равшан шуда истодаанд: "Мо фарратно фил китоби мин шай…". "Мо дар ин китоб ҳеҷ чизеро фурӯгузор накардем". (Анъом, 38). Яъне мо дар Қуръони маҷид ҳалли ягон масъаларо то қиёмат нагузоштем. Ҳамин тавр дар зиёда аз панҷоҳ оёти Қуръони маҷид дар бораи омӯхтани илми дунявӣ, ки асоси сохтани зиндагии зебо мебошад, таъкид гардидааст. Ва ё дар ояти 5, сураи "Зумар" Худо (ҷ) фармудааст: "…Куллу яҷри ли аҷалин мусаммо…", "Ва ҳар якто замони муайян дар ҳаракатанд". Яъне, тамоми сайёраҳо барои муҳлати муайян дар гардишанд. Аммо баъд аз гузашти ҳазор сол Галилейи италиявӣ гардиши заминро кашф кардааст. Ё худ билкул ба якдигар монанд набудани изи ангушти инсонҳоро Худованд (ҷ) 1400 сол пеш дар сураи Қиёмат ояти 4-и Қуръони карим зикр кардааст: "Бало қодирина ало ан нусаввия банонаҳу". "Оре, мо қодир ҳастем, ки сарангуштҳояшро баробар кунем". Яъне шуморо бо изи ангуштонатон мешиносам, ки аз ҳам фарқ мекунанд. Аммо ин масъаларо илми муосир 160 сол қабл дар Аврупо кашф намуд, ки имрӯз яке аз воситаҳои беҳтарини муайяну ошкор намудани амали ҷинояткорон мебошад.

Ба ғайр аз ин муаллиф дар рисолааш ба дигар масоили мубрами рӯз таваҷҷуҳ додааст, ки дар воқеъ бо маврид ва сазовори таҳсин аст. Ӯ дар бораи таҳсили ҷавонон дар хориҷи кишвар назари хубу олиеро пешниҳод кардааст: Барои он, ки як ҷомеаи рӯ ба тараққӣ дош-тиҷа чунин мешавад, ки ҳар инсон ё гурӯҳи ғаразнок бо гуфтани чанд ҷумлаи дар зоҳир зебо онҳоро фиреб диҳад.

Муаллиф доир ба масъалаи дигари ҳузнангез ва доғи рӯз, яъне ҷудошавии оилаҳои ҷавон, ки таи солҳои охир дар ҷомеа зиёд гаштааст, сухан ронда, онро барои ҷомеашиносон ва масъулини соҳа нигаронкунандаву ташвишовар эълон доштааст, инчунин барои бунёд ва мустаҳкамии оилаҳо ба хусус оилаҳои ҷавон маслиҳатҳои муфид пешниҳод кардааст.

Бахшҳои дигари рисола дорои матолиби ҷолиб буда, муаллиф бо овардани далелҳои мавриди назар ба хусус оёту аҳодиси набавӣ ва ашъор бузургон онҳоро зиннат бахшидааст, ки хонанда метавонад баъд аз мутолиа ва баҳра бардоштан ба маҳорати эҷодии муаллиф баҳои арзанда диҳад.

Чунон, ки дар урфият гуфтаанд, ҳар ҷо, ки кор аст, камбудӣ низ ҳаст, аз ин хотир рисолаи мазкур дорои камбудиҳои ҷузъӣ ҳаст, ки онҳоро муқарризони рисола доктори илмҳои фалсафа Кароматулло Олимов ва раиси шӯрои улумои дини вилояти Суғд, номзади улуми суханшиносӣ Ҳоҷӣ Ҳусейни Мӯсозода баён намудаанд. Албатта ислоҳи ин камбудиҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ва эҷоди асарҳои ӯ кумак ва мусоидат хоҳанд кард.

**Сироҷиддин ПИРОВ,**
*ходими илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# РӮЗҲОИ ОХИРИ УМРИ ЛОИҚ

**Кароматуллоҳи МИРЗО,**
*Нависандаи халқии Тоҷикистон*



**17.06.2000, ШАНБЕ.**

**БАЪДИ** фотиҳа, ки соли раҳматии Аълохон буд, Абдулҳамид, Лоиқ, Фарҳод ҳамроҳ ба Иттифоқи нависандагон омадем. Соати 9 автобус омад, якҷоя Ҳисор рафтем, мавлуди 50-солагии нависанда Султонмурод Одинаев. Банда, Лоиқ, Абдулҳамид назди баландгӯяк даъват шудем, сухан гуфтем. Сухангӯии охирини Лоиқ дар тӯй, дар назди мардум.

**22.06.2000, ПАНҶШАНБЕ.**

**БА** идора дертар омадам, сукунат. Фарҳод, ки ҳанӯз наомада буд, телефон кард. Гуфт, ки ҳоли Лоиқ бад, инсулт шуда ӯ. Соати чор бо Шералӣ Қарияи Боло омадам. Дар атрофи беморхона одамони бисёре, Х.Шарифов, Сорбон, Афзалшоҳ, Сайидалӣ Маъмур, Мирзобек, Ҳадиса. Гуфтанд, ки аз сухан монда, фишораш ба 300 расида будааст. Ба мисле ноумедӣ. Бо дили шикаста баргаштам. Ҳоло бегоҳирӯзӣ аст. Дар хона, паси миз нишастаам. Шояд пагоҳ хабарҳои хуш шунавам. То пагоҳ, ҳар рӯз ба умеде пеш ояд.

**23.06.2000, ҶУМЪА.**

**ГУФТАНД,** ки ҳоли Лоиқ андаке беҳ, ба гап даромада ӯ, мешинохтааст ҳозиронро. Лек духтурон намегузоранд, ки ба наздаш дароем. Ва агар зарар бошад ба ӯ, чӣ лозим дидорбинӣ?

Якшанбе тӯи ҷиянам Холмаҳмад, Афзалшоҳ омада ба хонаи ӯ. Ӯ баъди ҳар суруд рӯ ба мардумтӯякиҳо оварда даст ба дуо кушода мегӯяд:

-Худо гӯед, Лоиқ шифо ёбад.

-Омин! Омин! - садои аҳли деҳаи Нилкони ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, мухлисони Лоиқ ба фалак печид:

-Омин! Омин!!

**28.06.2000, ЧОРШАНБЕ.**

**БА** хабаргирии Лоиқ омадам. Дар берун Абдулҳамид, Сорбон, Х.Шарифов, бародари Лоиқ, ҳамсараш, фарзандонаш. Ҳамроҳи Садриддин Бобоеви прокурор вориди беморхона шудам. Чанд монеа, дарҳоро гузаштем, назди Лоиқ даромадем. Духтурҳо дар гӯшаҳои хона менишастанд. Ҳоли Лоиқ ниҳоят вазнин, нафасгириаш душвор. Аз дур ҳам садои нафасгирии ӯ шунида мешуд. Аз кислород нафас мегирифт. Бад шудани ҳоли ӯ, аз бад гаштани ҳаво буд. Хеле истодем рӯ ба каташ. Баъд берун шудем аз наздаш, аз назди дӯсти солҳои ҷавонӣ, аз назди ҳамсабақи азизам Лоиқ, ки ба мисле ба панҷаи марг афтода ҳоло ӯ. Ноумедиҳо беш.

Соати чор Абдулҳамид занг зада буд. Аз ҳоли Лоиқ пурсидам. Гуфт, ки гӯё Мирзобек гуфта, ҳолаш андаке беҳ шуда. Пагоҳ шояд боз хабаре шунавам.

**29.06.2000, ПАНҶШАНБЕ.**

**АҲВОЛИ** Лоиқ беҳ не, гӯё бад. Ҳафтаи гузашта ба ин ҳол афтода, имрӯз панҷшанбе, яъне 8 рӯз гузаштаю беҳ нашуда.

**30.06.2000. ҶУМЪА.**

**ПАГОҲӢ** хабари аз олам гузаштани Лоиқро шунида гирифтори ғаму алам гаштам, дилам гӯё ба замин зад, олам пеши чашмонам торикистон гаштаву бо дидагони ашкбор рӯ ба хонаи Лоиқ овар-дам. Ва чун маълум гашт, ки ӯ зиндаву хабари маргаш дурӯғ будааст, дилам аз нав мадор ёфт, ба худ омадам, шукр гуфтам, шод шудам. "Лоиқ зинда!" гуфта фарёд задан мехостам. Вале гӯё дар як лаҳза ин ҳама барҳам заду боз нохушӣ пеш омада. Гуфтанд, ки ҳоли Лоиқ боз бад шуда, чи хеле мегӯянд, ба ҳоли худ, пеши Худо. Ба зинда монданаш умед намонда, ҳама дар ташвиш, дар таҳлука, духтурҳо баҳри пешгирии марги Лоиқ чорае намеёфтанд, оҷиз монда буданд. Атрофи беморхона серодамтар мешуд. Ба сари ҳама ғам омада, аз дидагони дӯстон ашк меборид, бандаро ҳам ҳамин ҳол. Қадам мемондем аз ин сӯ ба он сӯи роҳ, Худо мегуфтем, илтиҷо доштем, ки Худованд ба Лоиқ умри дубора бидиҳад, шифо ёбад.

Офтоб ба гӯшаи ғарбии осмон майл дошт. Бо хотири ошуфта ҳамроҳи ҳамкорам Шералӣ ба нашриёт баргаштам. Баъд ба деҳа, ки модари фарзандонам он ҷо буд, рафтан лозим омад, ӯро бо аҳли байт бояд ба шаҳр меовардам.

Дар деҳа шаб мешуд, мавзӯи гуфтугӯ, суҳбати аҳли хонаводаи мо Лоиқ буд. Ба мисле ҳар кадоми мо ӯро ёд меовардем, гӯё хотира мегуфтем. Китобҳояшро аз рафҳои ҷевон гирифта варақ мегардондем, шеърҳояшро мехондем. Номаҳо ва китобҳои ба номам навиштаашро гаштаю баргашта аз назар мегузаронидем, аз Лоиқ нишона, осор меҷустем.

Ҳамин тариқ боз хабари марги Лоиқро шунидам. Фарҳод сим зада "Лоиқ, Лоиқ..." мегуфту дигар ҳарфе гуфта наметавонист. Ва он шаб саҳар мешуду ба дидагонам хоб намеомад. Хаёлам ба Лоиқ, ба дӯсти ба дилу дида наздикам. Ӯро марг аз мо ҷудо намуд. Дигар бо ӯ дар ин олам ҳимнишинию ҳамсуҳбатӣ насибам намешавад. Рӯзҳои бо ӯ ҳамроҳ будан, ҳамсуҳбат гаштанҳо як замоне, афсонае, гӯё хобу хаёле буда. Ё худи ҳамин дунёе, ки мо дар он ба сар мебарем, - афсона, як хоббиние аст? Марг ба ҳамаамон ҳамроҳ. Ҳар лаҳза лозимаш шавем, моро ба дами фано мебарад, барҳам мехӯрем, ба мисле дар ин олам мавҷуд набудем. Баъд ҷоямон холӣ дар хона, дар сари дастархон, дар миёни дӯстону рафиқон. Баъд аз ёдҳо меравем. Баъд боз шаб меояду ситораҳо аз осмон ба сӯи оламиён чашмак мезананд, моҳтоб ва боз офтоб мебарояд, саҳар мешавад. Вале мо дигар пайдо намешавем. Ин дунёи афсона баъди мо побарҷо, бардавом, оромгоҳи шабу саҳар. Инсонҳо ба он меоянду мераванд. Ва Лоиқ он бегоҳирӯзӣ аз олам гузашта. Ғам мехурдам, бо марг ботинан дар гуфтугӯ будам. Шиква доштам аз марг, хобам намеомад.

Аз кулба берун омадам. Осмони софу беғубори деҳа ситоразор. Саҳар меомад, олам зебо. Худованд чи оламе офарида баҳри инсонҳо. Ин қадар умри кӯтоҳе дода ба онҳо. Ҳама, ҳам шоҳу ҳам гадо ва ҳама, ҳама -миранда. Имтиёз дар роҳи марг ба ягон бандазоти Худо набуда. Вале ҳазор таассуф, ки баъзе ҳамҷинсони мо - инсонҳо ана ҳамин, ҳамин миранда буданашонро аз ёд бароварда. Пиндоранд, ки дар ин олам сутунанд, доимианд. На, бояд ба худ биоем. Лоиқ барин як шоири тавоно аллакай он шаб ба ҳисоби майитҳо ҳамроҳ шуда. Якшаба меҳмони ин дунё. Аввалин субҳе, рӯзе меомад, ки Лоиқро офтоб, дар бистари марг дармеёфт, аввалин субҳе медамид, ки Лоиқ чашм намекушод.

Рӯз равшан шуду хуфта натавонистам. Ба хаёли Лоиқ бо аҳли оилаам ба шаҳр рӯ овардам. Мағзи нон, қатраи об ба даҳон набурда, ба мурдахона - сӯи хонаи Лоиқ равон будам. Роҳу роҳравҳо ва гирду атрофи хонаи Лоиқ серодам. Гӯё замин кафида одам рӯида, биное, ки кулбаи Лоиқ дар он ҷойгир буд, миёни сели одамӣ монда. Ба он наздик шудан қариб ноимкон. Бо азоб роҳ меёфтам. Аз миёни одамон мегузаштам. Дохили дари даромадгоҳ шудам. Одамон ба ошёнаи дуюм, ба манзили Лоиқ дар равуо буданд. Бори аввал буд, ки баъди марги Лоиқ ба остонаи хонааш қадам мемондам, кулбае, ки ҳар бор моро худи Лоиқ бо чеҳраи шукуфон пешвоз мегирифт. Аммо ҳоло дар он пагоҳирӯзӣ ҷасади ӯро аз манзилаш бурун меоварданд. Садои нола, гиря. Аз оҳи ҷигарсӯзи муҳибон, фарзандони Лоиқ дилҳо реш мегашту ғаму алам зиёда. Ҳама гирён. Назарам ба Ромиш бархӯрд. Дар сар тоқӣ, дар бар ҷома, ришҳояш расида. Ба мисле ба по истода наметавонист, беҳолу бемадор, дар ғами падари бузургвор месӯхт, менолид. Маро, яке аз дӯстони наздики падарро дида, аламҳояш тозатар гашт. "Амакҷон, падарам, бародаратон" гуфт, ҷонибам омад, ҳамдигарро ба оғӯш кашидем, талх мегиристем, ашки сӯзон аз дидаҳо равон, сухани таскиномезе намеёфтам, ки ба фарзанди ҳамсабақам бигӯям...

Пайкари Лоиқро аз поғундаҳои зинаи ошёнаи дуюм поён меоварданд, онҳое, ӯро аз хонааш ба поён меоварданд, ки ҳама наздикон, хешовандон, фарзандони ӯ буданд. Банда ҳам аз паҳлӯи онҳо ҷой ёфта будам. Дар берун, дар дами дари даромадгоҳ тобути ӯ гузошта шуда буд. Дар берун сели одамӣ дар ҳаракат, сели одамӣ гӯё аз як сӯ ба сӯи дигар мавҷ мехӯрд. Офтоби пагоҳ рух менамуд. Болои одамон нур мерехт, нурҳои заррини он дар пойгаҳи дари бино, ки аз он Лоиқро берун меоварданд, чун пойандоз паҳн мешуд. Пойандоз аз дами дар то ба тобут, баъд то ба хонаи гӯри Лоиқ. Офтобро Лоиқ дар шеърҳояш ситоиш ва бо ҳазор ранг тасвир намуда. Махсусан ӯ лаҳзаҳои парешон шудани нурҳои офтобро рӯи мавҷҳои дарёи Варзоб беш дӯст медошт, тамошо мекард, ба шавқ меомад. Шоирро ба илҳом меоварад офтоб, мавҷҳои дарё ва ҳоло нурҳои офтоб пойандозаш шуда то ба тобут ва баъд то ба хонаи гӯр.

Дӯстон боэҳтиёт, оҳиста гӯё лахти ҷигари хеш - Лоиқро ба тобут мегузоштанд. Имкон ёфтам, ки ба пояи тобут даст барам, тобутро бардоштем. Лаҳзае пояи тобути дӯст, бародарам Лоиқ дар дастам. Аз вақте ману Лоиқ якҷоя ба донишгоҳ ба таҳсил омада будему баъд солҳои тулонӣ ҳамнишинию ҳамсуҳбатӣ доштем, ба ёдам намеомад, ки ҳамин хел ҳол рух медиҳад, тасаввур надоштам, ки пояи тобуташро мебардорам. Аммо ҳазор таассуф, ки ҳамин хел рӯзи сиёҳ омада, пояи тобути Лоиқ дар дастам.

Мардум, сели одамӣ ба ҷунбиш омад. Нигоҳҳо ба ҷониби тобут, ҳазорҳо мухлисон, эътиқодмандони Лоиқ тобути ӯро ба дӯш гирифтан мехостанд ё дар орзуе, ки ақаллан ба он даст расонанд. Вале наметавонистанд, одамон ба якдигар бармехӯрданд, меафтоданд, мехестанд, пеш меомаданд. Кайҳо пояи тобут аз дастам раҳо ёфта буд, даст ба даст ба осмон мерафт тобути Лоиқ, дигар намедидам, пеши чашмонам сиёҳӣ мавҷ мезад, аз паси одамон мерафтам, бо онҳо қадам мемондам. Аз кӯчаҳои шаҳр мерафтанд мардум, Лоиқро аз назди хиёбону гулгаштҳои шаҳри азизаш, ки аз айёми наврасӣ онро манзили зист ихтиёр карда буд, мегузаронданд.

Баъд мавриди видои мардуми Душанбе, мухлисони беҳисоби шоир дар Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ давом ёфт. Офтоби тафсони тобистон болои бому дар ва рӯи дарахтон меомад, гармӣ медод. Гармие, ки дар умрам ба он дараҷа ҳарораташ эҳсос накарда будам. Месӯхтам аз ғами Лоиқ, аз тобиши офтоб. Раҳме набуда офтобро. Месӯзондам, обу адо мегаштам. Дар саҳни васеъи бинои Театри опера ва балет ва дар дохили он, ки одамони беҳисоб тобути Лоиқро давра гирифта буданд, ҷои истодан намеёфтам. Гӯё ягон ваҷаб ҷои осудан намонда бароям дар рӯи замин. Ва ҳамроҳи одамон боз рӯ ба дохили бино овардам. Ин ҷо Лоиқ, тобути Лоиқ. Аз телевизион равуои одамон, лаҳзаҳои видои дӯстон, ҷигарбандон, наздикон, мухлисони Лоиқро рӯи навор меоварданд, сухангӯиҳо ба лентаи овоз сабт мешуданд, дӯстон бо дидагони ашкбор, бо сӯзу гудоз ҳарф мезаданд. Сухан аз Лоиқ, ба ёд меоварданд ӯро, ёдномагӯӣ. Аллакай хотираҳо мегуфтанд, аллакай ба ҳисоби гузаштагон ҳамроҳ шуда Лоиқ, хотира шуда Лоиқ. Мухбири телевизион Ҳокими Азиз аз банда хоҳиш дошт, сухан бигӯям, аз Лоиқ ҳарф бизанам. Хайр гуфтам, назар ба тобути Лоиқ андохтам, нигоҳам ба рӯяш афтод. Намедонистам, ки чӣ мегӯям, дидагонам ашкбор, сухан ме-гуфтам. Бале, чи гуфтаму нагуфтам, беҳушона гуфтам, суханҳоям дар ёдам намонда.

Назарам ба яке аз ҳамсабақонамон - ба Меҳмон Бахтӣ хурд. "Аз Лоиқ мондем, Кароматуллоҳ", гуфт ӯ. Ҷӯрабек Муродов бо дидагони хунполо сӯям омад, бо ҳам оғӯш ба оғӯш шудем. Занону духтарон аз назди тобути Лоиқ гузашта бо дидагони пурашк бо ӯ видоъ мегуфтанд. Миёни онҳо шояд ҷавонзанҳо, духтароне ҳам буданд, ки Лоиқ барояшон алоҳида ва бо ӯ суҳбатҳо, ҳамнишиниҳои маҳрамона ҳам доштанд. Он рӯз аз ҳама беш онҳо ғамдор, либосҳои сиёҳ дар бар, барояш месӯхтанд. Ҳамин гуна буданд он лаҳзаҳо. Шаб буд ба хаёлам он лаҳзаҳо, гӯё хоб будаму хоб медидам, ки Лоиқ фавтида. На, таассуф, ки хоб набуд, қиёмат буд, рӯзи марги Лоиқ буд. Сухангӯиҳо, митинг барпо шуд. Ҳама чун наворе аз назарам гузаштанд. Тобути Лоиқро бардоштанд. Мошинҳо, одамон рӯ ба роҳ шуданд. Офтоб гармтар ва нурҳояш сӯзонтар гашта, хело паст фаромада, болои сарҳо омада. Нафасгардон мешудам, дилу ҷигарам бирён, месӯхтам, ташна монда будам. Об нӯшидан мехостам. Оби сард. Назарам ба саҳни масҷид, об меҷустам - ҳо ана аз қубури зери чиноре об фаввора мезад. Одат надоштам, ки оби сард нӯшам. Аммо ноилоҷ будам, лаб ба қубури об мондам. Ҳар қадаре, ки дил мехост, об нӯшидам. Баъд гӯё ба худ омадам. Одамонро медидам. Саҳни тозаю озодаи масҷиди Ҳоҷӣ Яъқуббой. Вақти намози пешин. Муаззин такбир мегуфт, намоз мегузоштанд. Тобути Лоиқ канори пешайвон гузошта шуда. Мо маҳтали анҷоми намоз, маҳтали адои намози ҷанозаи Лоиқ. Мардум аз намоз баромада, ба намози ҷанозаи Лоиқ саф мегирифтанд. Банда ҳам дар саф ҷой ёфтам, ҷанозаи дӯстам, - ҷанозаи Лоиқ. Нияти ҷанозаи Лоиқ зикри забонам буду Лоиқи дигар - Лоиқи нав ба курсии донишҷӯӣ омада пеши назарам. Овози марғуладораш ба гӯшам меомад, "Кароматуллоҳ", мегуфт. На, он Лоиқ Лоиқи дигар буда. Лоиқи куҳансол пеши назарам, ана тобуташ дар пешгоҳ, ҷанозаи Лоиқ. Баъд мо он рӯз Лоиқро ба хок супурдем, мадфанаш дар баландиҳо, дар баландии мавзеи Лучоб, дар ин баландии Лучоб боз бисёр адибони баландмақом манзили абадӣ ёфтаанд. М.Турсунзода он ҷо, Лоиқ паҳлӯи Сотим Улуғзода, дар вақташ устод ба маҷмӯаи аввали шеърҳои ӯ сарсухан навишта. Имрӯз Улуғзода ва Лоиқ ҳамсояманзил, дар паҳлӯи ҳамдигар.

Лоиқ аз олам гузашт, дӯсти меҳрубону ба дил наздикамро ба хок супурдем. Имрӯз аз ӯ, аз рӯзҳои дар ин дунёи равшан буданаш нақш меҷӯям. Аз чи буд, ҳар гоҳе, дар куҷое бо Лоиқ вомехӯрдам, ҳамроҳаш ба ҷое мерафтам, гуфтаҳо ва ҳолатҳои бо ҳам шоҳид шудаамонро баъзан дар дафтари хотираам сабт мекардам. Ин навиштаҳо аз ҳамон дафтарҳо, аз дафтарҳои хотира. Сатр ба сатр, ҳарф ба ҳарф, каму зиёд нашуда. Таассурот, ҳама таассурот аз он лаҳзаҳою аз он рӯзҳо. Аз Лоиқ чанд китобе ҳам бароям монда бо соядаст, ӯ таъкид бар он дошт, ки мо бо ҳам дӯстони деринем, дӯстони солҳои донишҷӯӣ, айёми наврасӣ...

# Атри кафан зи хоки Ватан дорад орзу

## ё чӣ тавр Эргашалӣ Қобилов Эрик Кабулов шуд?!

**Аз итмоми Ҷанги хонумонсӯзи Дуюми Ҷаҳон 70 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, то ба ҳанӯз аз оқибатҳои талхи худ дарак медиҳад. То ба ҳанӯз фарзандону пайвандон роҳи аскарони гумномшударо интизорӣ мекашанд. Байни 92 ҳазор шаҳидону беному нишон шудагон ва асирон имрӯз як тан аз ҳамватани мо дар шаҳри Гамбурги Олмон умр ба сар мебарад, ки тимсоли ҳазорҳо ҷавонони солҳои ҷанг ба ҳифзи Ватан рафтаву асир ва бо амри тақдир дур аз марзу буми хеш афтода ғариб аст, ки ёди Ватан аз дилаш намеравад ва атри кафан аз хоки Ватан дорад орзу. Ин тан Эргаш Қобилови 94 сола аст, ки тӯли 75 соли дур аз Ватан афтодан маротибаи 5-ум Ватани хешро зиёрат мекунад…**





**СУҲБАТ** бо пирамард, ки чеҳраи туркӣ дораду аммо тарзи либоспӯшӣ ва одобу маданияташ аврупоист, басо ҷолиб ва дар як вақт ҳузнангез буд. Ӯ нақл мекард, басо муассир ва ҳикояташ чун лентаи кино аз пеши дидагони мо мегузаштанд…

Вай зодаи деҳаи Қаромазори шаҳраки Адрасмони вилояти Суғд буда, моҳи октябри соли 1941 қатори дигар ҳамсолонаш ба ҳифзи Ватан рафт. Дар ҳайати полки тирандозии 108-уми Армияи 9-ум дар шаҳри Харкови Украина баъди 3 моҳи ба ҷанг даромадан асир афтод. 3 маротиба аз асирӣ гурехта ахиран худро дар Олмон ёфт. Маротибаи чаҳорум дар Олмон ба дасти англисҳо асир афтод:

- Онҳо миллатамро пурсиданд. Гуфтам, ки туркам - ба хотир меорад, Эргашалӣ Қобилов,- гуфтанд, ки Ватанамро аз харита нишон диҳам. Тошкандро нишон додам. Баъд боварӣ ҳосил карда напарронданд. Таъкид карданд, ки агар рус мебудӣ, худи ҳозир ба қатл мерасонидем. Маҳз бо ҳамин сабаб аксари асирафтодагон рус бошанд ҳам, худро миллати дигар мегуфтанд, ки ягона роҳи халосӣ аз марг буд.

Афсарони англис гуфтанд, ки ба Ватани худ наравед, ки шуморо мепарронанд. Ё ба Амрико равед ё ба Канада. Эргашалӣ Канадаро интихоб кард. Ва сабабашро чунин шарҳ дод:

- Тақдири асири ҳарбиро хуб медонистам. Лекин ман аҳд кардам, ки ҳатман бояд ба Ватан баргардам. Бигузор ҷазо бинам. Доғамро мешӯям. Ҳарчанд, асир афтодан бо айби мо аскарон неву аз бетаҷрибагии командирон рух дода буд. Барои он Канадаро интихоб кардам, ки ин давлат бо СССР ҳамсарҳад аст ва гузаштан аз он ҷо ба хоки Ватанам осонтар буд…

Аммо Эргашалии ҷавонро Худованд тақдири дигар дод. Дар госпитали ҳарбии Олмон табобат гирифту ситорааш бо ҳамшираи шафқати олмонӣ Олма рост омад. Вай тарғиб кард, ки дар Олмон монад. Дар Ватанаш ӯро ором нахоҳанд гузошт. Эргашалӣ розӣ шуд.

-Ман дигар илоҷ ҳам надоштам. Зеро ягон ҳуҷҷат ё як пули пучак ҳам надоштам, ки нон харам,- ба хотир овард Эргашалӣ,- гуфтам, ки муҳим ҳозир аз гуруснагӣ наҷот ёфта намурдан аст. Боқӣ ягон илоҷ мешудагист…

Падари Олма чорводор, фермаи шахсӣ дошт. Эргашалии ҷавонро чун хизматгор ба кор қабул кард. 12 сол дар санҷиши падарарӯсу аҳли хонадон қарор дошт. Танҳо баъд аз ин ба Эргашалӣ боварӣ ҳосил карданду тӯйи арӯсию домодии Эргашаливу Олма баргузор шуд.

-Аз ёдам намеравад, 12 апрели соли 1957 тӯй кардем. Дар тӯй ҳамагӣ 6 нафар ширкат доштанд. Ману ҳамсарам, як дугонаашу бародари арӯс ва ду нафар ҳамдиёронамон, ки монанди ман асири ҳарбӣ буданд: инҳо Мавлон Маҳкамови хуҷандиву Қурбон Эсанови ӯзбекистонӣ,- ба хотир овард он рӯзи шодмонии умрашро пирамард.

Рӯзу солу моҳо мегузаштанд. Аммо, Ватан аз ёди Эргашалӣ ва ҳамқисматонаш ҳеҷ намерафт. Алалхусус, Эргашалӣ мекӯшид ба пайвандон аз худ дарак диҳад. Номаҳо менавишт. Аммо, беҷавоб. Суроғи касеро намеёфт. Сабабаш маълум. Сиёсати замони шӯравӣ талаб дошт, ки ҳама

**Мавлон Маҳкамов дар ҳасрати дидор бо фарзандону пайвандон ва фироқи Ватан 10 сол муқаддам аз олам чашм пӯшид. Имрӯз аз ӯ нишона дар Гамбург Алӣ ном писари 62 солааш умр ба сар мебарад, ки дар ҷустуҷӯи бародарону хоҳарони тоҷикаш аст. Ин навбат низ Алӣ аз бобои Эргашалӣ хоҳиш кардааст, ки агар тавонад аз онҳо дараке ёбад.**

гуна номаҳо аз назорати сахти мақомоти дахлдор гузарад ва хусусан бо асирони ҳарбии дар хориҷа буда мукотибаҳояшон қатъиян манъ буд.

-Бо вуҷуди ин ҳама ман умедамро аз дидор бо Ватану пайвандон намекандам,-мегӯяд, мусоҳиби мо,- пайваста номаҳо менавиштам, бо умеде, ки рӯзе даракашонро меёбам. Ниҳоят баҳори соли 1976 аз эшон номаи ҷавобӣ гирифтам.

Аз рӯи нақли ҷияни қаҳрамони мо Шарофат Холмирзоева бо амри тасодуф як нома ба зодгоҳаш деҳаи Қаромазор ва ба дасти хоҳараш Хайринисо расид. Таи 2 сол мукотиба идома ёфт. Баъдан хоҳараки дилсӯхта нома дар даст ба Ҳукумати онвақтаи шаҳри Чкалов муроҷиат кард, то ки барои даъвати бародараш иҷозат диҳанд. Моҳи августи соли 1978-ро Эргашалӣ таълиди дубораи хеш медонад:

-Тавассути шаҳри Тошканд омадам,- ба хотир меорад ӯ,- чун ба марзи Мастчоҳ расидам, аввалин коре, ки кардам аз мошин фаромада хоки Ватанро ба чашмонам молидам. Шукронаҳо ба даргоҳи парвардигор намудам, ки ниҳоят маро ноумед накард.

Баъди бозгашт ба Ватани дуюмаш Эргашалӣ барои ҳамқисматонаш - Мавлон Маҳкамову Қурбон Эсанов яктогӣ ҷомаву тоқӣ ва чанд пластинаҳои сабти сурудҳои тоҷикиву ӯзбекӣ савғо мебарад. Он ду нафар ҷомаро бо дидаҳои гирён ба бар карда мегӯянд: бӯи Ватан мекунад.

Воқеан ҳам, вақте бори дуюм Эргашалӣ соли 1985 ба зодгоҳаш Қаромазор меояд, он дуи дигар илтимос мекунанд, ки аз пайвандони онҳо ҳам дарак ёбад.

-Ман дар Хуҷанд омӯзгорӣ мекардам,-гуфта буд, Мавлон Маҳкамов,- чаҳор фарзанд доштам. Хонаамон дар кӯчаи "Школьная" буд. Назди дарвозаамон як осиёб кор мекард…

Аммо, кӯшиши Эргашалӣ маротибаи сеюму чорум ҳам нисбати дарёфти пайвандони омӯзгори хуҷандӣ натиҷае набахшид. Мавлон Маҳкамов дар ҳасрати дидор бо фарзандону пайвандон ва фироқи Ватан 10 сол муқаддам аз олам чашм пӯшид. Имрӯз аз ӯ нишона дар Гамбург Али ном писари 62 солааш умр ба сар мебарад, ки дар ҷустуҷӯи бародарону хоҳарони тоҷикаш аст. Ин навбат низ Алӣ аз бобои Эргашалӣ хоҳиш кардааст, ки агар тавонад аз онҳо дараке ёбад.

Бобои Эргашалӣ тамоми умр ронандагӣ кард. Шаҳрванди Олмон шуд. Аммо дар шиносномааш ному насабашро мақомоти шиносномадиҳии Олмон бо тарзи худ Эрик Кабулов навиштанд. Аз зиндагии якҷоя бо ҳамсараш Олма соҳиби 1 писар - Эрик шуданд, ки 60 сола аст. Келини хонадон Даута ном дорад. Набераашон Денес 21 сол дорад.

Чун ба пирармард савол додам, ки оё дигар дар Ватани хеш намемонад, чунин гуфт:

-Ман дар Олмон 75 сол умр ба сар бурдам. Ба он шаҳре, ки истиқомат мекунам, меҳр бастам. Охир ин шаҳр ва одамонаш маро дар рӯзҳои вазнинтарини зиндагиам дастгиру муттако шуданд. Пайвандонам он ҷост. Вале ба онҳо васият кардаам, ки чун аз олам дармегузарам, маро дар Ватанам дафн кунанд. Бо ин ният дар оромгоҳи деҳаи Қаромазор қабр интихоб кардам. Бо шаҳрдорони Гамбурги Олмон шартнома намуда, маблағи ирсоли ҷасадамро ба Ватан пардохт кардаам. Хонаи охиратам зодгоҳам хоҳад буд…

Суханони пирамард моро муассир кард. Ба андеша рафтем. Инро пай бурд, ки гуфт:

-Биёед, ман ба Шумо як мусиқӣ менавозам. То ки табъатон кушода гардад. Ва ӯ даст ба ионика бурд. Мусиқии ҳазин садо дод. Ба рӯи пурчини мӯйсафеди 94-сола чанд қатра ашк рехтанд. Ба хотири мо байтҳои ғарибии Шайх Камол расиданд:

*Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли мо,*
*Меҳнати ғурбат надонад, ҳеҷ кас илло ғариб.*

Мирзоаъзам МАҚСУДОВ

# БА «ШОҲИ ФАНҲО» ТАВАҶҶУҲ МЕБОЯД




**Бисёр** вақт зимни суҳбат бо хатмкунандагони мактабҳои миёна мешунавем, ки ба саволи "ҳуҷҷатҳоятро ба куҷо месупорӣ?" "ба мактабе, ки математика надошта бошад", ҷавоб медиҳанд. Бархе аз донишҷӯёни соли аввали ихтисосҳои тиббию кишоварзӣ низ норозиёна изҳор медоранд, ки "мо табибу агроном шуданием, ба мо чаро дарси математикаи олӣ гузоштаанд?" Агар дақиқ назар афканем, ягон соҳаи зиндагӣ аз таъсири ин фан бесамар намондааст.

Инсон аз рӯзи ба дунё омаданаш бо математика рӯ ба рӯ мешавад. Моҳу рӯзи тифли дар батни модарбударо ҳисоб карда, ба таваллудхона мебаранд. Баъди таваллуд вазну қадашро чен мекунанд, рӯзу моҳу соли таваллудашро менависанд.

Барои ҳар як касбу кор математика зарур аст. Агар зироаткор муҳлати киштукор, дар чӣ қадар майдон чӣ қадар тухмӣ ва нурӣ сарф шуданашро надонад, ҳосили дилхоҳ гирифта наметавонаду дорусоз бе риояи аниқи таносуби ашёи доруворӣ даво тайёр намекунад. Зимни истеъмоли дору низ бо рақамҳо рӯ ба рӯ мешавем.

Агар сохтмончӣ математикаро надонад, андозаи бино, чӣ қадар сарф шудани масолеҳи бинокорӣ ва барои ин чӣ қадар маблағ зарур шуданашро низ намедонад. Хулоса, дар ҳама соҳаҳо мо зарурати донистани ин фанро мушоҳида мекунем. Бе математика ягон илми муосир ва технология пеш рафта наметавонад. Ҳатто барои омӯхтани илмҳои гуманитарӣ, мисли таърих ва лингвистика низ донистани математика зарур аст. Математик, физик ва астрономи олмонӣ Карл Фридрих Гаусс бесабаб нагуфта буд, ки "математика шоҳи фанҳост".

Дар ҳақиқат илмҳои физикаву химия ва биологияро наметавон бе математика тасаввур кард. Математика ба мо баҳри шинохтани олами атроф кӯмак мерасонад. Ҳатто ҳангоми пешгӯии обу ҳаво низ истифодаи модулҳои математикӣ зарур аст.

Донистани математика имкониятҳои ақлониро тақвият мебахшад, хотираро пурзӯр ва суръати андешаронииро таъмин мекунад. Астроном бо ёрии математика роҳи ситораҳои дурро муайян месозад. Муҳандис - ихтироъкор бо ёрии математика ҳавопаймо, киштӣ ва ё неругоҳро тарҳрезӣ менамояд.

Олими физик бо кӯмаки математика атомро муайян месозаду маллоҳ бо ёрии он роҳи киштӣ дар уқёнус нишон медиҳад. Имрӯз бо ёрии мошинҳои электронии ҳисоббарор ҳавопаймову қатора, радифҳои маснӯи Замин, фаъолияти корхонаҳоро идора мекунанд. Ҳар кадоми ин мошинҳо мувофиқи қонуни математика кор менамоянд. Дар ягон даврру замон математика мисли имрӯз чунин фарогири васеи тамоми соҳаҳои илму зиндагӣ набуд. Фардо тавассути математика боз чӣ ихтирооте карда мешавад алҳол чизе гуфта наметавонем. Лекин аниқ аст, ки оянда илми математика боз пурқудрат ва барои одамон аз имрӯз дида муҳимтар мешавад.

Аз ин рӯ зарур аст, ки чӣ дар макотиби миёна ва чӣ олӣ ба "шоҳи фанҳо" таваҷҷуҳро зиёдтар намоем, зеро беҳтар шудани сатҳи омӯзиши математика ва дигар фанҳои дақиқ заминаи боэътимоде барои рушди технологияҳои ҷадид дар кишвар хоҳад гашт.

**Валӣ ҲАМРОҚУЛОВ,**
**Нусратулло СОҲИБОВ,**
*коллеҷи тиббии н. Ҳисор*



# ҶӮРАИ ҶОНИИ МАН

## Аҷоибем… Мо… журналистон! Хело аҷоибем!

**МУШОҲИДА КАРДАЕД?** Мо, журналистони газетаву сомонаҳо, дар бораи шахсони "беодоб", , ки хоставу нохоста дар маҷлисҳову ҷамъомадҳо, нишасту суҳбатҳо ҷоғ мезананду ёва мегӯянд ва гуфтаҳояшон дар миёни мардуми безавқ боиси таҳсину офарин мешавад, зиёд менависем. Саҳифаҳои рӯзномаҳоро бо расму гуфтаҳои ҳангомаомезашон зеб медиҳем, сайтҳои интернетиро бо аксу навор пур мекунему дар мавриди онҳо шарҳу тафсир менависем, "like"-у "класс!" мемонем, эфирҳои садову симоро барояшон дареғ намедорем. Аммо дар мавриди инсонҳои арзанда иктифо мекунем. Кам мегӯем… ҷоғ намезанем… истиҳола мекунем… Нагуфтам, ки аҷоибем!? Ончунон хунамон вайрон шуда, ки наметавонем нисбати инсонҳои наҷибу арзанда чор ҷумлаи самимиро ба ифоқа биёварем. Боз вақтҳои охир ин гуна навиштаҳо "PR" (пиар) ном гирифта. Яъне ҳунар PR, ҳангома ҳунар…

Ва ҳамин чиз солҳои охир бароямон қолаб шуда, мисле ки ман сари миз нишаставу намедонам чӣ нависам? Се нуқта мемонаму халос…Пӯшида нест, ки профессор, Асадулло Саъдуллоев агар дар ягон маҷ-



лис гиребони касеро мегирифтанд ё ягон нафарро таҳқиру тавҳин мекарданд ё нисбати ягон ҳодиса ягон андешаи "негатив" мегуфтанд, эҳааа, илҳоми баланди маро медидеду саҳифаи аввали газету коллажи калону мақолаи тахтабанд… "Асадулло Саъдуллоев фалону беҳмадон кард ва ё фалону беҳмадон гуфт", ана мақола, ана ҳангома, ана … аммо ҳозир ин гуна вазъият нест. Бояд ба муносибати мавлуди 75-умин солгарди устод нависам…

Тақ… тақ… чароғи электронии болои мизро куштаву хомӯш мекунам ва дар варақ се нуқта мемонаму халос. Чаро се нуқта? Чун фикрҳо зиёд, андешаҳо фаровон, аммо ё қобилияти навиштан нест ё… Не, умуман вақте дар бораи инсони бароят аз ҳад азизу муътабар менависӣ, эҳсос ҷойгузини андеша, идрок, маҳорат қобилият мешавад, чун инсон бағоят барои ту азиз аст, ту нисбати ӯ эҳтироми бепоён дорӣ… мисле ки ман нисбати адиби борикбин, журналисти соҳибназар, адабиётшиноси қавипанҷа, муҳаққиқи соҳибном, мунаққиди нуктасанҷ, доктори улуми филология, профессор, устодам Асадулло Саъдуллоев эҳтироми беандоза қоилам…

Ёд меорам, ҳанӯз курси якумиро, ки чӣ гуна аввалин маротиба марди резапайкари озодалибос ва олуфта, китобу дафтар дар бағал ба аудиторияи 208 даромадаву дарсро шурӯъ карданд. Чун анъана дарси аввал аз шиносоӣ оғоз шуд. Донишҷӯйи курси якум вақти худашро шинос кардан чиро дӯст медорад? Албатта худтаърифкуниро, мехоҳад бо ин роҳ худашро нишон диҳад. Навбати ман омад. Х-еста фалону бисмадон будамро гуфтам, гаҳвораам аз осмони ҳафтум ғалтиданашро ҳам… муаллим аз ҳар яки мо дар бораи китобҳои бадеии хондаамон, адибони дӯстдоштаамон мепурсиданд.

Чанд касро ном гирифтам. Устод пурсиданд:

-Ӯрунбойро хондаӣ?

Ман ҳайрон шудам. Устод ноҳинҷории маро пай бурда:

-Ӯрун Кӯҳзодро дар назар дорам. - гуфтанд. Ман чизе ҷавоб дода натавонистам.

- Шумо бо газетаҳои ҷумҳуриявӣ ҳамкорӣ доштаед, Ӯрун Кӯҳзодро надонед айб. -сарамро хам кардам.

Дарси оянда устод даромадан замон, рӯйи мизи ман китоби "Бандии озод"-и устод Кӯҳзодро гузоштанд. Дар ҳайрат мондам, чун хоҳиш накарда будам, аммо устод худашон оварданд, як донишҷӯйи курси якум, ки бадабахтона Кӯҳзодро намешиносхтааст, ба ёди устод мондааст. Устод хостанд ӯро аз ин ҳолати ногувор наҷот диҳанд. Баъдан бо устод Кӯҳзод ҳам шинос шудем, нишасту хезу суҳбатҳои якҷоя доштему дорем, устод Кӯҳзод ҳам дар бораи Асадулло Саъдуллоев бо меҳру муҳаббат ва самимияти хоса сухан мегӯянд.



Ҳеҷ гумон намекардам, ки робитаи мо бо устод рӯз аз рӯз қавитар мешавад. Аввалин матолиби маро, ки дар рӯзнома нашр мешавад, устод мехонанд. Аҷиб он аст, ки дар ҳошияҳои газета андешаҳояшонро навишта меоранд.

Чун муаллифи ин сатрҳо намедонам худашро ба кӣ монанд карданӣ шуда, каму беш ҳикоя менависад, аввалин хонанда аввалин мунаққид ва аввалин муҳаррир устод Саъдуллоев ҳастанд.

Як сирро гӯям?! Устод Саъдуллоев ҳеҷ гоҳ ҷанг намекунанд. Ҳеҷ гоҳ гапи дағал намегӯянд. Ҳеҷ гоҳ!!! Ба ғазаб ҳам оянд, табассуми малеҳе мекунанд. Аз ин хубии устод бисёриҳо, аз ҷумла донишҷӯён истифода мекунанд. Шояд ҳамин сабаб шуда ки ман ҳам аз ҳад зиёд ба он кас эркагӣ мекунам, хирагӣ мекунам. Ягон ҳикояамро медиҳаму боз маҷбурашон мекунам, ки то ҳафтаи дигар бихонанд. Он кас гуфтанӣ мешаванд, ки рӯйи мизашон диссертатсия доранд, аммо ман гӯш намекунам. Муаллим бо вуҷуди ин маро намеронанд, аммо ҳафтаи дигар навиштаро ба дастам сурху сиёҳ карда медиҳанд…

Ман шояд аз ягона шогирдони устод бошам, ки ҳамаи китобҳои устодро дорам. Медонед, ман ба устод рӯйхати китобҳояшонро дода, хоҳиш кардам ки ҳамаашро биёранд ва кадомеашро, ки оварданд, дар варақ қайд кунанд, то баъзе китобҳоро такрор ё баъзеашро фаромӯш накунанд.

Дар охирин китобашон "Муаммоҳои назарияи публитсистика" устод ба ман чунин соядаст навиштаанд: "…ба хиратарин донишҷӯ ва ҷӯраи ҷонии ман…"

Ман аз устод Саъдуллоев 54 солу ду моҳу 4 рӯз хурд ҳастам. Шояд ҷӯра гуфтани ман ва ҷӯра гуфтани устод барои баъзеҳо каме ғалатӣ тобад. Аммо як чиз аст, мо ду нафаре ҳастем, ки ҳамеша барои як чақ-чақи қаймоқӣ мавзӯъ меёбем. Ман намедонам, ки айб дар ман аст, ки пирона фикр мекунам ё дар устод, ки ҷавонона… аммо мо мавзӯъ меёбем ва суҳбатҳоямон бисёр лазиз мегузарад. Мо ҳамроҳ дар маҷлису нишастҳои бисёр будем. Шоҳид шудаам, ки ба пешвози Саъдуллоев Абдулҳамид Самаду Кароматулло Мирзоев барин нависандагони бузурги муосири тоҷик даст пеши бар бо эҳтиром мебароянд, Саттор Турсуну Гулрухсор барин бузургони адабиётамон дар баробари устод аз ҷойи нишасташон боло шудаву бо як иззату икром дасташро мефишоранд, журналистони соҳибном он касро оғӯш мегиранд…

Ман борҳо дар хонаи устод будам. Дар китобхонаҳуҷраи кориашон, ки он ҷо публитсистикаи тоҷик як шохаи алоҳида шуд, дар он ҳуҷра, ки журналистикаи тоҷик ва илми журналистикаи тоҷик қабои миллӣ пӯшиду қомат рост кард, он ҷо ки садҳо дастнависи ҷавонон сиёҳ карда шудаву сараву носарааш ҷудо шуд, он ҷо ки шурӯъ аз китобҳои адибони ҷавон то пирони адабиётамон нақд шуд, он ҷо ки бисту анд китобу саду анду дусаду анд мақола навишта шуд, он ҷо ки ҳанӯз ҳазорон саҳифаи ҳанӯз чопнашуда дар кифҳо баставу мехобад ва он ҷое, ки сад шукр ҳанӯз ҳам шабу ним шаб "хиш- хиши хома" болои авроқ равуо дораду нишон аз "хиш- хиши набз"-у "хиш-хиши қалб" аст. Нишон аз офарандагӣ аст!

Як сол зам шудан ба умр барои мардуми авом андӯҳест гарон, аммо барои мардуми солор ва мисли Шумо устод-Асадулло Саъдуллоеви азиз, эҷодкору олим, ин як сол аз як зинаи хирад ба зинаи дигари хирад баромадан аст, яъне хирадмандтар шудану солортар шудан, ба камолот расидан.

75 -и камолот, 75 зинаи хирад, 75 солагии умр 75… 75 миллион маротиба муборакатон бод, устоди азиз ва ҷӯраи ҷонии ман…

**Одили НОЗИР,**
*журналист*

Обуна-2016

- **Агар аз муҳимтарин воқеоти кишвар ва ҷаҳон огоҳ шудан хоҳед,**
- **Агар бо чеҳраҳои мондагори сиёсиву фарҳангӣ ва таърихӣ аз наздик ошно шудан хоҳед,**
- **Агар аз дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо воқиф шудан хоҳед,**
- **Агар ба мушкилот ва масъалаҳои доғу мубрами ватани худ бетараф нестед,**
- **Агар мавқеи ҲХДТ-ро дар ҷомеа устувор дидан хоҳед, пас,**

**ба ҳафтаномаи**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

**МИНБАРИ ХАЛҚ**

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

**обуна шавед!**

**МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!**

Маблағи обуна ба ҳафтанома 90 сомониро ташкил медиҳад. Маблағҳои обунаро метавонед ба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...

**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти
БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**




**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН:** 221-25-36, 221-63-21

Варзиш

## ТЕННИСБОЗОНИ ТОҶИК СОҲИБИ "ҶОМИ ПРЕЗИДЕНТ"

**Маротибаи шашум дар пойтахти мамлакат мусобиқаи теннисбозони наврас барои дарёфти "Ҷоми Президенти Тоҷикистон" баргузор гардид.**

Дар мусобиқаи имсола, ки аз 19 то 23 сентябри соли равон дар майдони тенниси шаҳри Душанбе ҷараён дошт, 64 нафар варзишгарони синнашон 12-15-сола (32 писар ва 32 духтар) аз кишварҳои Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Украина ширкат доштанд. Дар мусобиқаи инфиродӣ варзишгарони тоҷик дар байни писарон Шодмон Қурбонов ва миёни духтарон Шаҳзода Осимова ғолиб омаданд.

Дар мусобиқаи ҷуфти писарон Беҳзод Суюнов ва Шерзодбек Раҷабов аз Ӯзбекистон ҷойи аввалро соҳиб шуданд. Дар мусобиқаи ҷуфти духтарон Анастасия Турсунова ва Насиба Назирмадова аз Тоҷикистон пирӯз шуданд.

Ба ғолибон "Ҷоми Президенти Тоҷикистон", медали тилло, Ифтихорнома ва мукофоти пулӣ ба маблағи 1500 доллар ва ба теннисбозоне, ки ҷойҳои дуюму сеюмро гирифтанд, медалҳои нуқраю биринҷӣ ва мукофоти пулӣ ба маблағи 1000 ва 700 доллари америкоӣ супурда шуд.

Ёдовар мешавем, мусобиқа барои "Ҷоми Президенти Тоҷикистон оид ба теннис" соли 2005 таъсис ёфтааст, ки байни варзишгарони наврас гузаронида мешавад.

**А.САФАРЗОДА**

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Сертификати истифодабарии замини президентӣ 0,6 га, ки онро Кумитаи замини н.Рӯдакӣ ба истиқоматкунандаи ҷ/д Россия, маҳаллаи Деҳқонобод-3, Абдулхаиров Боқӣ додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Аттестати А183917 хатмкардаи МТМУ №5 ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ мактаби миёнаи №3 н.Ленин) Саидова Мунаввара Меликмуродовна, ки дар соли хониши 1988-1989 дода шудааст, бинобар гум шуданаш эътибор надорад.


НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
**МИНБАРИ ХАЛҚ**
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.tribun.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 48952 нусха**
**Навбатдор: С.ЮСУФОВ**


